ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВИЛОЯТИ ХАТЛОН
МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ НОҲИЯИ ФАРХОР

# ҚАРОР

аз «29» 09 соли 2015 №263 ш. **Фархор**

Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди иҷтимои иқтисодии ноҳияи Фархор барои солҳои 2016-2020

Бо мақсади таъмини Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Фархор барои солҳои 2016-2020, беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ, ҷалби сармоягузории устувор, мутобиқи моддаҳои 8 ва 9-и Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлати» Иҷлосияи сеюми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Фархор даъвати панҷум. қарор мекунам:

1.Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Фархор барои солҳои 2016-2020 тасдиқ карда шавад. (замима мегардад).

2.Бахши иқтисод ва савдо, меъморӣ ва шаҳрсозии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия феҳристи лоиҳаҳоеро, ки сарчашмаҳои мабалғгузориашон номаълум аст, тартиб дода, лоиҳаҳо ба маблаггузорони ватаниву хориҷи пешниҳод карда шаванд.

3.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Коминссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия оид ба масъалаҳои тараққиёти саноат, энергетика, сохтмону меъморӣ, нақлиёт, алоқа ва хоҷагии роҳ, муовини якум ва муовинони раиси ноҳия вогузор карда шаванд.

Раиси
Маҷлиси вакилони
халқи ноҳияи Фархор Раҳимзода Раъно

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ
ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ ФАРХОР

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ФАРХОР

## барои солҳои 2016-2020

# МУНДАРИЧА

**Рӯйхати ихтисорот ............................................................................................................ 5**
**Муқаддима............................................................................................................................ 6**

**БОБИ 1. Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеии ноҳияи Фархор ................................. 8**
1.1 Сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ноҳия ................................................................................ 8
1.2 Маълумоти фарҳангӣ ва таърихии ноҳия......................................................................... 8
1.3 Шароити табиию иқлимӣ ва захираҳои ноҳия ................................................................ 9
1.4 Ҳолати демографии ноҳия.................................................................................................. 9
1.5 Тамоюлҳои асосии иқтисодию иҷтимоии ноҳия........................................................... 10
1.6 Биниши ояндаи ноҳия ........................................................................................................ 10

**БОБИ 2. Иқтисодиёт ........................................................................................................... 12**
2.1 Кишоварзӣ ........................................................................................................................... 12
2.2 Саноат ................................................................................................................................... 21
2.3 Соҳибкории хурду миёна .................................................................................................... 26

**БОБИ 3. Иҷтимоиёт............................................................................................................. 31**
3.1 Тандурустӣ............................................................................................................................ 31
3.2 Маориф ................................................................................................................................. 34
3.3 Ҳифзи иҷтимоӣ..................................................................................................................... 37
3.4 Фарҳанг ва варзиш............................................................................................................... 41

**БОБИ 4. Инфрасохтор.......................................................................................................... 44**
4.1 Хоҷагии манзилию коммуналӣ ........................................................................................... 44
4.2 Таъмини барқ ........................................................................................................................ 46
4.3 Нақлиёт ва алоқа.................................................................................................................... 48

**БОБИ 5. Омадагӣ баҳолатҳои фавқулодда........................................................................ 50**

**БОБИ 6. Таъминоти захиравӣ............................................................................................. 57**

**БОБИ 7. Низоми мониторинг ва арзёбӣ.............................................................................. 61**

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди ноҳияи Фархор аз рӯи соҳаҳо ................................ 62**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АИО | Асосиатсияи истифодабарандагони об |
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| ББСНАТ | Барномаи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистону Афғонистон |
| БДИ | Барномаи давлатии инвеститсионӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ГК | Гуруҳҳои кории секторӣ |
| ГФТ | Гуруҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МБҲ | Маркази барқии ҳароратдиҳанда |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| ГЗҲФҲ | Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| РИМ | Рушди иқтисодии маҳал (РЕАКТ) |
| СМ | Созмонҳои маҳаллӣ |
| НМва А | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СБСНМТ | Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |

## ПЕШГУФТОР

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Фархор барои солҳои 2016-2020 ҳуҷҷати стратегии миёнамӯҳлат буда, ҳадаф, вазифа ва чорабиниҳоро барои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоии ноҳия муайян месозад.

Дар раванди тарҳрезии Барномаи мазкур талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», "Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" (аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шудааст) ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ (Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола,"Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015", "Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015" ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ ба инобат гирифта шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома таъмин намудани рушди устувори соҳаҳои воқеӣ дар асоси истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, беҳтар намудани хизматрасонии замонавии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии мардуми ноҳия мебошад. Барномаи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсатиояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамуҳлат муайян мекунад.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия 224 лоиҳаро бо маблағи умумии 325,6326 млн. сомонӣ дар бар мегирад, ки аз ин 52 лоиҳа ба маблағи 68,2916 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 106 лоиҳа бо маблағи 88,689 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 48 лоиҳа бо маблағи 165,104 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 10 лоиҳа ба ҳифзи муҳити зист,ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи граждании бо маблағи 1,345 млн. сомонӣ ва 8 лоиҳа ба маблағи 2,203 млн сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ тааллуқ дорад.




Мувофиқи арзёбии арзиши умумии БРН Фархор маълум шуд, ки 64% лоиҳаҳои он сарчашмаи маблағгузориашон маълум мебошад.

*Сарчашмаҳои маблаггузории БРН Фархор*

*Тақсимоти*
*маблағҳои “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Фархор барои солҳои 2016-2020” аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблаггузорӣ (ҳазор сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 11026,6 | 1399,2 | 1546,6 | 2301,6 | 3303,6 | 2475,6 |
| Саноат | 49 845,0 | 6400,0 | 11195,0 | 13675,0 | 10675,0 | 7900 |
| Соҳаи соҳибкории хурду миёна | 7420,0 | 1405,0 | 2505,0 | 2405,0 | 605,0 | 500,0 |
| Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ | 68291,6 | 9204,2 | 15246,6 | 18381,6 | 14583,6 | 10875,6 |
| Маориф | 74484 | 8120 | 23663 | 23741 | 15860 | 3100 |
| Тандурустӣ | 6569,5 | 1100 | 2240 | 2105 | 1020 | 104,5 |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 4181,5 | 514 | 1064 | 1064 | 1014 | 525,5 |
| Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 3454 | 114,0 | 885,0 | 905,0 | 750 | 800,0 |
| Ҳамагӣ, блоки ҳифзи иҷтимоӣ | 88689 | 9848 | 27852 | 27815 | 18644 | 4530 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 71529,0 | 1183,0 | 17465,0 | 19151,0 | 16390,0 | 17340 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 11045,0 | 270,0 | 460,0 | 2560,0 | 3460,0 | 4295,0 |
| Барқтаъминкунӣ | 3530 | 680 | 810 | 920 | 920 | 200 |
| Нақлиёт, роҳ ва алоқа | 79000,0 | 12850 | 13950,0 | 16150 | 22950,0 | 13100,0 |
| Ҳамагӣ, инфрасохтор | 165104,0 | 14983,0 | 32685,0 | 38781,0 | 43720,0 | 34935,0 |
| Ҳифзи муҳити зист ва пешгирии ҳолатҳои фавқулодда | 1345 | 242,5 | 362,5 | 345 | 265 | 130 |
| Таъминоти захиравӣ | 2203,0 | 204,0 | 475,0 | 483,0 | 519,0 | 522,0 |
| Ҳамагӣ, арзиши БРН | 325632,6 | 34481,7 | 76621,1 | 85805,6 | 77731,6 | 50992,6 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 14780 | 1370 | 5193 | 3510 | 3455 | 1252 |
| Буҷети вилоятӣ | 120 | | 60 | 60 | | |
| Буҷети маҳаллӣ | 3038 | 796,5 | 837,5 | 658 | 324 | 422 |
| Маблағҳои худӣ | 1700 | 160 | 675 | 627,5 | 195 | 42,5 |
| Соҳибкорон | 77560 | 12155 | 21530 | 23425 | 13815 | 6635 |
| Сармояи хориҷӣ | 110506,6 | 9570,6 | 23560 | 27696 | 28855 | 20825 |
| Номуайян | 117928,0 | 10119,6 | 24667,6 | 30619,1 | 30827,6 | 21694,1 |

# БОБИ 1.ҲОЛАТИ УМУМӢ
# ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯ

## 1.1. Сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ноҳия

Ноҳияи Фархор дар қисмати ҷанубу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ буда, ҳамчун ноҳия соли 1930 ташкил ёфтааст. Координатҳои ҷуғрофии он 37°30' арзи шимолӣ ва 69°24' тӯли шарқиро ташкил менамояд. Он аз шимол бо ноҳияҳои Данғара ва Восеъ, аз тарафи ҷанубу ғарб бо ноҳияҳои Панҷ, Ҷ.Румӣ, Вахш ва аз тарафи шарқ бо ноҳияи Ҳамадонӣ, аз тарафи ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад. Тӯли он аз шимол то ҷануб 61 км ва аз шарқ ба ғарб 35 км-ро ташкил менамояд. Масоҳати умумии Фархор 1,2 ҳазор километри мураббаъ буда, маркази маъмурии он шаҳраки Фархор ба шумор меравад.

*Харитаи ҳудудҳои маъмурии ноҳияи Фархор*




Ноҳия аз 9 ҷамоати деҳот (Дарқад, 20-солагии истиқлолияти Тоҷикистон, Фархор, Ватан, Ғайрат, Зафар, Деҳқонариқ, Гулшан, Ғалаба) ва шаҳраки Фархор иборат аст.

*Сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ноҳияи Фархор*

| № | Номгӯи ҷамоати шаҳрак ва деҳот | Хоҷагӣ | Аҳолӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Дарқад | 1507 | 14039 |
| 2. | 20-солагии истиқлолияти Тоҷикистон | 1702 | 14736 |
| 3. | Фархор | 1389 | 12057 |
| 4. | Ватан | 2500 | 22515 |
| 5. | Ғайрат | 1688 | 16143 |
| 6. | Зафар | 1452 | 13834 |
| 7. | Деҳқонариқ | 1475 | 12648 |
| 8. | Гулшан | 1527 | 12418 |
| 9. | Ғалаба | 1277 | 9278 |
| 10. | Шаҳраки Фархор | 3277 | 23903 |
| | Ҳамагӣ дар ноҳия | 17794 | 151571 |

## 1.2.Маълумоти фарҳангӣ ва таърихӣ

Ноҳияи Фархор куҳанбунёд буда, дорои таърихи ғанӣ мебошад. Мувофиқи гуфтаи доктори илмҳои таърих ва археология Эркиной Гуломова, ноҳияи Фархор “Осорхонаи кушодаи таърихӣ ба шумор меравад”. Муаррихони зиёде дар ҳамингӯшаи хушманзар кашфиётҳое кардаанд ва зиндагии ҳазорсолаи халқамонро муайян намудаанд. Ҳанӯз солҳои 60-уми қарни гузашта таърихшинос,таъсискунандаи мактаби археологияи тоҷик

академик Б.А. Литвинский ҳамроҳи шогирдаш Х.Ю. Муҳиддинов ҳангоми кофтукобҳои археологие, ки дар мавзеи макони "Морон" ва "Саксанохул" гузаронида шуда буд, бошишгоҳҳои одамони қадимро дарёфтанд, ки ба давраҳои неолит тааллуқ доранд (3700 сол). Инчунин, дар ноҳияи Фархор макони "Золи зар" мавҷуд мебошад, ки дар майдони 8 га ҷойгир шудааст. Дар ин мавзеъ, мувофиқи ақидаи таърихшиносон, шаҳри қадиме мавҷуд будааст, ки аз даврaи кушониён то давраи ҳуҷуми муғулонро дар бар мегирад.

**1.3. Шароитҳои табиӣ ва иқлим**

Иқлими Фархор, сарфиназар аз он ки дар қисми ҷанубии ҷумҳурӣ воқеъ мебошад, гуногунаст. Дар инҷо барфу яхбандӣ, субтропикии намнок ва ҳам хушкии даштӣ дида мешавад.Солона ба ҳисоби миёна сатҳи боришот то 300-400 миллиметрро мушоҳида мешавад.Дар фасли зимистон ҳарорати хунуктарини ҳаво то 18-23 дараҷа хунук ва дар фасли тобистон ба ҳисоби миёна то 43-45 дараҷа гарм мешавад.Умуман,иқлими ноҳия нисбат ба дигар ноҳияҳои ҳамсоя гармтар аст, зеро кӯҳи Сиёҳ ва баландии Ӯртабузу Олимтой ҳамчун девори сунъӣ пешироҳи бодҳои салқинро, ки аз шимол мевазанд, мегирад.

Ноҳия дорои захираҳои бойи об мебошад. Водии Фархорро дарёҳои Панҷу Сурхоб аз тарафи ҷанубу ғарб ва ғарбу шимол чун миёнбанд печонидаанд. Дарёи Сурхоб ҳамчун манбаи шикори моҳӣ истифода мешавад. Сиёҳкӯҳ асосан чарогоҳи зимистонаи чорвои хоҷагиҳои ноҳия ва инчунин хоҷагиҳои ноҳияҳои Рашту Нуробод ва як қисм ноҳияҳои вилояти Суғд низ буд. Доманаҳои он барои кишти зироатҳои хӯроки чорво истифода бурда мешаванд. Сиёҳкӯҳ захираи боэътимоди масолеҳи бинокории ноҳия ва вилоят мебошад.

**1.4. Вазъи демографӣ**

Ба санаи 01.01.2015 тибқи маълумотҳои оморӣ дар ноҳияи Фархор зиёда аз 151,8 ҳазор нафар аҳолӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 49,9 %-ро занҳо ташкил менамоянд. Дар сохтори этникӣ шумораи бештари аҳолии ноҳияро, тоҷикон ташкил медиҳанд (132320 нафар).

*Сохтори этникии ноҳияи Фархор*




Мувофиқи таҳлилҳо афзоиши миёнаи табиии аҳолӣ дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 беш аз 1,02 %-ро ташкил намуд, ки сабаби он дар соли 2014 афзудани шумораи таваллудшудагон мебошад. Тавре аз рақамҳои оморӣ бармеояд, давоми се соли охир ҳолатҳои ҷудошавии оилаҳо зиёд гардидаанд. Агар дар соли 2012 шумораи талоқ дар ноҳия 71 ададро ташкил диҳад, пас ин нишондод дар соли 2014 ба 94 расидааст, ки баробарро ташкил медиҳад.

*Нишондиҳандаҳои асосии демографӣ ноҳияи Фархор дар солҳои 2012-2014*

| Солҳо | Таваллуд | Шумораи вафот | Теъдоди никоҳ | Талоқ | Афзоиши табиии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 4068 | 586 | 2082 | 71 | 1,02 % |
| 2013 | 4233 | 466 | 2136 | 89 | 1,02% |
| 2014 | 5055 | 575 | 2138 | 94 | 1,02% |

*Сохтори ҷинсӣ ва синну солии аҳолии ноҳияи Фархор дар соли 2014*

| Синну сол | Ҷамъ | % | Аз ҷумла духтарон/занон | % духтарон/занон |
|---|---|---|---|---|
| Наврасони то 14 сола (кӯдакон) | 72864 | 48,00 | 35776 | 49,1 |
| Миёнасолон | 71358 | 47,00 | 35137 | 49,2 |
| Аҳолии синну соли нафақахӯрӣ (63 мардон /58 занон) ва боло | 8349 | 5,0 | 4835 | 57,9 |
| Ҷамъ | 151571 | 100 | 75748 | 49,9 |

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки аз рӯи синну сол аҳолии ноҳияи Фархор то 14 сола 48 %, аҳолии миёнасолон 46,5% ва аҳолии синни нафақа 5,5 %-ро ташкил медиҳад.

**1.5.Тамоюлҳои асосии иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Фархор**

Иқтисодиёти ноҳия бисёрсоҳавӣ ба шумор рафта, дар он нақши кишоварзӣ ва саноат назаррас мебошад. Соҳаи кишоварзии ноҳияи Фархор асосан дар самтҳои растанипарварӣ, аз ҷумла пахтакорӣ, ғалладонагиҳо, картошкапарварӣ, боғу токпарварӣ ва чорводорӣ муаррифӣ гаштааст. Барои рушди соҳаҳои мазкур як қатор омилҳое ҳастанд, ки монеъ мешаванд, аз ҷумла бад будани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, норасоии тухмиҳои хушсифат, нуриҳои минералӣ ва захрхимикатҳо, кӯҳнаву фарсуда гаштани техникаи кишоварзӣ, паст будани маданияти аъзоҳои хоҷагиҳо доир ба истифодабарии самараноки заминҳо, ба талабот ҷавобгӯ набудани сифати маҳсулоти корхонаҳои коркарди меваву сабзавот, набудани хизматрасонии машваратии кишоварзӣ, аз байн рафтани фермаҳои махсуси чорвои калон, набудани такрористеҳсол, ташкили базаи хӯроки чорво, паст будани маҳсулнокии соҳаи чорво, набудани чорвои калони шохдори хушзот.

**1.6. Биниши ноҳияи Фархор**

*“Ноҳияи Фархор яке аз гӯшаҳои зебоманзари минтақаи Кӯлоб, дорои шароити хуби экологӣ ва аз ҷиҳати ҳолатҳои фавқулодда бехатар мебошад. Ноҳия ҳамчун маркази рушдёфтаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти саноатию кишоварзӣ ба минтақаи муҳими тиҷорати наздисарҳадӣ ва байналмиллалӣ табдил ёфтааст, ки он боиси рушди соҳаи инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангиву фарогатӣ ва дар маҷмӯъ боиси баланд шудани нишондиҳандаҳои зисту зиндагонии аҳолӣ гардидааст”.*

Биниши мазкур дар асоси таҳлили тарафҳои қавӣ ва заифи рушди ноҳияи Фархор, инчунин бо назардошти имкониятҳои беруна ва таҳдидҳо таҳия гаштааст.

*Таҳлили вазъияти умумии ноҳияи Фархор (SWOT)*

| Тарафҳои мусбат | Тарафҳои манфӣ |
|---|---|
| ➢ Мавҷудияти захираҳои табиӣ;<br>➢ Мавҷудяти заминҳоиҳосилхез;<br>➢ Мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ;<br>➢ Шароити мусоиди иқлим барои растанипаврварӣ, боғдорӣ, чорводорӣ ва махсусан пахтакорӣ, картошкапарварӣ;<br>➢ Мавҷудияти чарогоҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявидошта; | ➢ Самаранок истифода нашудани захираҳои табиӣ;<br>➢ Риоя нагардидани низоми киштгардони заминхои кишоварзӣ;<br>➢ Бад будани ҳолати мелиоративии заминҳои кишт;<br>➢ Баланд будани сати обҳои зеризаминӣ, шуршавии заминҳои кишт ва деградатсияи онҳо; |

<table>
<tr>
<td>

- Мавҷуд будани мутахассисони варзида Мавҷудияти корхонаҳои саноатии коркарди пахта, ресандагӣ ва коркарди меваву сабзавот;
- Мавҷудияти инфрасохтори муҳандисиву коммуникатсионӣ;
- Дар минтақаи наздисарҳади қарор доштани ноҳия;
- Мавҷудияти таҷрибаи бои парвариши пахта ва дигар зироатҳои техникӣ;
- Дорои шароити мутобиқ барои парвариши полезиҳо;
- Мавҷудияти инфрасохтори иҷтимоӣ (муассисаҳои тиббӣ, мароиф, ҳифзи иҷтимоӣ ва фарҳангу фароғат);
- Мавҷудияти инфрасохтори соҳаи хизматрасонӣ;
- Мардуми меҳмонавоз;
- Мавҷуд будани растаниҳои шифобахши кӯҳӣ ва ҷангалҳо;
- Дорои таърихи куҳан ва мавҷудияти ёдгориҳои таърихӣ.

</td>
<td>

- Нокифоягии ҷойҳои корӣ;
- Ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани қувваи потенсиалии қобили меҳнат ва мутахассисони баландихтисос;
- Сатҳи пасти музди меҳнат дар корхонаҳои буҷетӣ, кишоварзӣ;
- Деградатсияи майдони чароғгоҳҳои мавҷуда ва сари вақт татбиқ нагаштани татбирҳои дахлдор
- Сатҳи пасти самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, саноатӣ боздеҳи захираҳо;
- Рушди номуназзами иқтисодиёти маҳаллӣ;
- Нокифоя будани ҳосилнокӣ ва дастрасии ХД ба воситаҳои истеҳсолӣ;
- Набудани корхонаҳои хурди замонавии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ва ба талаботҳои муосири бозор ҷавобгу;
- Паст будани малакаи ХД оиди хушккунии меваву сабзавот;
- Маҳдудияти бозорҳои фурӯши маҳсулот;
- Истифодаи ғайри самараноки имкониятҳои савдои назди сарҳадӣ ва содироти маҳсулоти маҳаллӣ;
- Сатҳи пасти таъминоти логистикӣ;
- Паст будани иқтидорҳои маҳаллӣ оиди ба содирот омода набудани маҳсулоти маҳаллӣ;
- Ба талабот ҷавобгӯй набудани сатҳи хизматрасониҳо маишӣ, хуроки умумӣ ва ғайра;
- Дастрас набудани қарзҳои камфоизи имтиёзноки бонкӣ;
- Баланд будани сатҳи мурииши кӯдакон ва бемории сил;
- Бад будани солимии модарон;
- Баланд будани сатҳи бекорӣ;
- Паст будани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии хушсифати муассисаҳои томактабӣ махсусан дар деҳот;
- Се баста будани мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва дур будани мактабҳои ибтидоӣ аз деҳот;
- Ба талабот ҷавобгӯ набудани ҳолати бештари муассисаҳои талимӣ, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва иҷтимоӣ;
- Паст будани дастрасии аҳолӣ ба оби нӯшокии хушсифат (ҳамагӣ 4,5%);
- Дар ҳолати фарсуда қарор доштани хатҳоибарқ, кубурҳои обтаъминкуни;
- Паст будани сифати оби нӯшокӣ дар деҳотҷойҳо;
- Фарсуда будани роҳҳо;
- Дотатсиони будани буҷети маҳаллӣ
- Набудани захираҳои кофи барои ҳифзи муҳити зист;
- Тағйирёбии номунтазами нарх;
- Номӯътадилии таъминоти қувваи барқ.

</td>
</tr>
<tr>
<td>Имкониятҳо</td>
<td>Таҳдидҳо</td>
</tr>
<tr>
<td>

- Мавҷудияти имконияти рушди савдои байнисарҳади ва ҳавасмандии Ҳукумати ҶТ, ташкилотҳои кӯмакрасон ва байналмилали оид ин масъала;
- Мавҷуд будани имконияти васеъ барои маб-лағгузории лоиҳаҳои БРН дар доираи татбиқи барномаи ББСНАТ;
- Татбиқи лоиҳаҳо дар доираи фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ;
- Азхуд намудани заминҳо дар доираи барномаҳои давлатии амаликунанда;
- Ҳавасмандии сармоягузорон ва донорони ватанию хориҷӣ;
- Мавҷудияти имконияти дастгирии соҳибкорони маҳаллии аҳамияти ҷумҳуридошта ва арбобҳои давлатӣ.

</td>
<td>

- Номӯътадилии вазъи сиёсӣ дар сарҳад;
- Тағйирёбии иқлим;
- Офатҳои табиӣ;
- Баланд шудани сатҳи оби дарёҳои Сурхоб ва Панч, ки боиси обхезӣ шуда метавонад;
- Пайдоиши малах;
- Эпидемия ва Пандемия.

</td>
</tr>
</table>

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Соҳаи кишоварзӣ

Ноҳияи Фархор яке аз минтақаҳои аграрии ҷумҳурӣ ба шумор рафта, соҳаи кишоварзӣ дар ҳаёти иқтисодии он нақши муҳимро мебозад.

Гузариши ҷумҳурӣ ба муносибатҳои бозорӣ ва шароитҳои нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ зарурияти тағйир додани хоҷагиҳои коллективии мавҷудаи ноҳияи Фархорро ба шаклҳои нави моликият ва хоҷагидорӣ ба миён овард. Дар натиҷа дар заминаи хоҷагиҳои коллективӣ 3967 хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ таъсис дода шуданд. Дар солҳои охир мувофиқи татбиқи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар ноҳия тамоюли гузариши хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳо ба хоҷагиҳои нисбатан хурд (ХД инфиродӣ ва оилавӣ) сурат гирифта истодааст. Ба 1 январи соли 2015 зиёда аз 150 хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳо таҷдид шуда, дар асоси онҳо 525 хоҷагиҳои инфиродӣ таъсис ёфтанд. Коршиносони маҳаллӣ ба он ақидаанд, ки хоҷагиҳои хурд ва ё хоҷагиҳои инфиродӣ ва оилавӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок буда, ба натиҷаҳои хуби молиявӣ ноил шуда истодаанд. Ҳоло барои хоҷагиҳои мазкур зарурати ба асотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ муттаҳид шудан пайдо шуда истодааст.

Кишоварзӣ дар иқтисодиёти ноҳияи Фархор нақши хосаро мебозад, зеро 80 % маҳсулоти умумии истеҳсолшудаи ноҳия маҳз ба соҳаи мазкур тааллуқ дорад ва 65% аҳолии қобили меҳнат дар ин соҳа кор ва фаъолият менамоянд.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҳазор сомонӣ*




Дар соли 2014 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 600,3 миллион сомониро ташкил кард, ки аз он 409,7 миллион сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ тааллуқ дошта 68,2%-ро ташкил медиҳад. 190,6 миллион сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ рост меояд ва он 31,7% ро ташкил медиҳад.

***Истифодабарии замин.*** Фонди умумии заминҳои ноҳия 118,311 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 88,1% (104,280 ҳазор га) заминҳои кишоварзӣ мебошанд. Аз майдони умумии заминҳои кишоварзӣ заминҳои кишт 24562 га буда,74,5% онҳо (18368 га) заминҳои обиро ташкил медиҳанд.

Майдони умумии заминҳои наздиҳавлигии ноҳия 3170 га буда, он 2,7% фонди заминҳои ноҳияро ташкил медиҳад. Дар ноҳия заминҳои хоҷагии шахсӣ 899 гектар ё 0,76%-ро ташкил медиҳад (заминҳои президентӣ).

*Категорияҳои заминҳои ноҳияи Фархор дар соли 2014*




*Сохтори истифодабарии заминҳои кишоварзии ноҳияи Фархор дар соли 2014*




*Сохтори заминҳои кишти ноҳияи Фархор дар соли 2014*



Дар бахши кишоварзии ноҳия заминҳои кишт асосан барои пахтакорӣ, ғалладонагиҳо, сабзавоткорӣ, полезиҳо, картошкапарварӣ, хӯроки чорво, боғдорӣ ва токпарварӣ истифода мешаванд.

Дар солҳои 2014 тамоюли кам шудани майдонҳои кишти пахта ба назар мерасад, ки сабаби он васеъ гардонидани майдонҳои кишти ғалладонагӣ, боғҳо, сабзавот ва полезиҳо бинобар камхароҷот будани кишт ва нигоҳубинии зироатҳои мазкур ва таъмини бехатарии озуқаворӣи ноҳия мебошад. Ба омилҳои асосии камшудани кишти пахта дар соли 2013 инчунин, паст шудани арзиши аслии он дар бозорҳои ҷаҳонӣ, коҳиши самаранокии он, бад шудани ҳолати молиявии хоҷагиҳои пахтакор, қарздории онҳо дар назди муассисаҳои молиявӣ ва ширкатҳои фючерӣ, андоз, бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо низ дохил мешавад. Дар соли 2014 ҳамаи майдонҳои токзор аз байн рафтанд ва дар ҷои онҳо боғҳои нав бунёд шуданд. Мутахассисони маҳаллӣ дар он ақидаанд, ки сабаби аз байн рафтани соҳаи токпарварии ноҳия асосан ба тағйири иқлим (гарм шудани ҳарорати ҳаво дар солҳои охир), паҳн шудани касалиҳои сироятӣ, бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо мебошад.

***Растанипарварӣ.*** Таҳлилҳо собит месозанд, ки солҳои охир ҳаҷми истеҳсоли ҳамаи намудҳои маҳсулоти растанипарварӣ тамоюли болоравӣ дорад (махсусан истеҳсоли пахта, ғалладонагиҳо, сабзавот). Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли пахта, ғалладонагӣ, сабзавот ва дигар намудҳои маҳсулоти растанипарварӣ дар баробари кам кардани майдонҳои кишт ва баланд шудани ҳосилнокии зироатҳо сурат гирифта истодааст.

*Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ (тонна)*




Солҳои охир мувофиқи маълумотҳои расмӣ баланд шудани ҳосилнокии зироатҳо, махсусан пахта, ғалладонагиҳо, сабзавот, полезиҳо, картошка ба назар мерасад, ки сабаби он нисбатан беҳтар шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишт, истифодаи тухмиҳои хушсифат, нуриҳо ва заҳру химикатҳо мебошад. Аз тарафи дигар сатҳи баргардии муҳоҷирони меҳнатӣ ба ватан, сабаби бо кишоварзӣ машғул шудани онҳо низ шуда истодааст.

*Ҳосилнокии зироатҳо дар ноҳияи Фархор*
*дар солҳои 2012-2014 (сентнер аз 1 га)*




***Пахтакорӣ.*** Пахтакорӣ яке аз бахши асосии соҳаи кишоварзӣ ба шумор рафта, он 80% маҳсулоти истеҳсолшудаи соҳаи растанипарвариро ташкил менамояд. Бояд қайд намуд, ки дар солҳои охир бинобар нисбатан баланд шудани арзиши пахта дар бозорҳои ҷаҳонӣ самаранокии истеҳсоли он тадриҷан афзуд. Бинобар ин, бештари хоҷагиҳои ноҳияи Фархор майдонҳои кишти пахтаро васеъ намуданд. Мушкилиҳои асосии соҳаи мазкурро бо таври зайл шарҳ додан мумкин аст:

- Паст будани сифати тухмӣ;
- Фарсуда будани техникаи кишоварзӣ;
- Баланд будани арзиши сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо;
- Набудани маркази мубориза зидди ҳашаротҳои зарарасон;
- Бад будан ҳолати мелиоративии заминҳо;
- Баланд будани фоизи қарзҳо ва набудани қарзҳои имтиёзнок;
- Набудани субсидияҳои давлатӣ дар соҳаи мазкур;
- Нодуруст истифода шудани гардиши заминҳо;
- Баланд будани арзиши сӯзишворӣ ва маводи молиданӣ, нуриҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо.

Дар ноҳияи Фархор имкониятҳои хуби рушди соҳаи ғаллакорӣ, растанипарварӣ, шолипарварӣ, картошкапарварӣ, полезиҳо ва меваҷот, аз ҷумла меваҳои ситрусӣ мавҷуд мебошад. Зеро иқлими ноҳия барои парвариши зироатҳои зикршуда мусоид мебошад. Барои пешрафти соҳаҳои мазкур набудани усулҳои нави агротехникӣ, норасоии тухмиҳои хушсифат, паст будани маданияти хоҷагиҳо доир ба истифодабарии самараноки заминҳо, сохтмони гармхонаву сардхонаҳо ва технологияҳои инноватсионии кишоварзӣ, усулҳои нави ригатсионӣ ва мелиоративӣ, набудани коркарди меваю сабзавот, паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба маркетинг ва занҷираи арзиши иловашуда менеагӣ месозад. Пароканда будани ХД шакли инфиродӣ ва душвор будани идораи фаъолияти онҳо аз ҷониби сохторҳои дахлдори МИҲД-и н. Фархор водор месозад, ки оиди муттаҳид намудани онҳо дар доираи Барномаву стратегияҳои муосири соҳаи кишоварзӣ чораҳо андешанд.

***Таъминоти оби полезӣ***. Дар ноҳия бо таъминоти оби полезӣ Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Фархор, ки тобеъи Агентии беҳдошти замин ва

обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, машғул мебошад. Дар тавозуни корхонаи мазкур каналу иншоотҳои таъминоти оби полезӣ - 420,4 км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ, 5 адад пойгоҳҳои обкашии барқӣ, 1 иншооти обгирӣ аз дарёи Панҷ бо номи сарбанди "Сурхобканал", 1466 иншооти гидротехникӣ, 222 иншооти обченкунӣ, 60,4 км қубурҳои обгузарӣ андозаи аз 200 то 500 мм, 20 адад техникаю механизмҳо (аз ҷумла 6 экскаватор, 3 булдозер, 4 автомашина, автокран), таъмиргоҳ ва истгоҳи мошину механизмҳо дар маркази шаҳраки Фархор, қарор дорад.

Обёрии заминҳои нав ва беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии онҳо низ яке аз мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳаи кишоварзӣ буда, ба рушди иқтисодиёти кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар соли 2014 майдони заминҳои обёришавандаи кишоварзии ноҳияи Фархор 21,3 ҳазор га-ро ташкил дод. Барои таъмини заминҳо бо оби полезӣ об асосан аз ҳисоби оби дарёи Панҷ тавассути иншооти марказии обтаъминкунии "Чубеки" ноҳияи М.А.Ҳамадонӣ гирифта шуда, ба воситаи шабакаи иншоотҳои обтақсимкунӣ ба ноҳия ҷорӣ мешавад. Аз майдони умумии заминҳои обёришаванда 5,1 ҳазор га тавассути насосҳои обкашӣ таъмин шуда, боқимондаи онҳо бо тарзи худҷорӣ обёрӣ мешавад.

*Иншоотҳои обтаъминкунии ноҳияи Фархор дар соли 2014*

| Номгӯи иншоотҳо | Шумораи иншоотҳои обтаъминкунӣ | Дарозии каналҳо | |
|---|---|---|---|
| | | км | Аз он тозакардашуда |
| Канали «Шохаи чап» | 12765 | 33,3 | - |
| Шохаи обтаъминкунӣ | 9857 | 6.9 | 2,2 |
| Шабакаи истгоҳи обкашии №1 | 5721 | 5,2 | 4,3 |
| Канали магистралӣ | 4646 | 7,1 | 1,8 |
| Канали ЛР-10 | 1086 | 7,6 | 2,1 |
| Канали ЛР-14 | 1100 | 5,3 | 2,6 |
| Канали ЛР-17 | 340 | 4 | - |
| Канали ЛР-18 | 1077 | 6,5 | 3,2 |
| Канали ЛР-20 | 1297 | 5 | 0,6 |
| Канали ЛР-28 | 762 | 4,1 | - |
| Канали ЛР-32-1 | 181 | 4,2 | - |
| Канали ЛР-36 | 337 | 2,3 | 0,7 |
| Р-1 | 3726 | 15,8 | 1,8 |
| Канали Каранги – Патта | 600 | 11,1 | - |

Мушкилоти асосии соҳаи мелиоратсияи ноҳияи Фархор нокифоягии маблағгузории соҳа, пурра пардохт нагардидани ҳаққи хизмати обрасонӣ аз тарафи истифодабарандагони оби полезӣ (9 Асотсиатсияҳои истифодабарандагони оби полезӣ), пурра тоза нашудани иншоотҳои мелиоративӣ ва махсусан заҳбурҳои дохилихоҷагӣ дар давоми 10-15 соли охир бо сабаби паст будани сатҳи таъминоти моддиву техникӣ, ҳолати ғайриқаноатбахши молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва пароканДагии онҳо сурат мегирад.

*Ҳолати мелиоративии заминҳои обёришавандаи ноҳияи Фархор дар соли 2014*

| Ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда | % |
|---|---|
| Заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш | 4,15 |
| Заминҳои ҳолати мелиоративиашон қаноатбахш | 95,85 |

Мувофиқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ, 1019 га заминҳои обёришаванда дар ҳолати мелиоративии ғайриқаноатбахш қарор доранд, ки аз ҳисоби тоза нашудани заҳбуру заҳкашҳо ва баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ба амал омадаанд.

Дар соли 2014 аз ҷониби Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Фархор 24 км каналҳои байнихоҷагӣ тоза карда шуд ва дар соли 2015, боз 25 км шабакаҳои коллектории заҳбурҳо тавассути техникаи махсус тоза карда мешавад.

*Сатҳи обҳои зеризаминӣ*
*дар ноҳияи Фархор дар соли 2014*

| Сатҳи обҳои зеризаминӣ | Майдон (га) |
|---|---|
| То 1 м | 661 |
| 1 – 1.5м | 1285 |
| 1.5 - 2 м | 3536 |
| 2-3м | 8357 |
| 3.5м | 4436 |
| 5 ва зиёд | 6273 |
| Ҳамагӣ: | 24548 |

Чуноне дар боло зикр гардид заминҳои обёришавандаи ноҳияро асосан Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Фархор хизмат мерасонад ва аксарияти ишоотҳои обтаъминкунӣ ва шабакаҳои мелиоративӣ дар тавозуни идораи мазкур қарор дорад.

*Иншоотҳои мелиоративии ноҳияи Фархор, ки дар соли 2014 дар тавозуни Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Фархор ва АИО қарор доранд*

| Номгӯи ташкилот | Идораи давлатии беҳошти замин ва обёрии ноҳияи Фархор | АИО |
|---|---|---|
| Стансияҳои обкашӣ | 5 | |
| Шабакаҳои обкаш барои кашидани обҳои партобӣ | 42,5 км | |
| Заҳбурҳои кушода | 146,9 км | 225,7 км |
| Заҳбурҳои пӯшида | | 48,0 км |
| Каналҳо | 223,6 км | 412,5 км |

*Қарздории Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Фархор аз рӯи пардохти арзиши барқ, андоз ва музди меҳнати кормандон дар соли 2014*




Дар доираи Барномаи мазкур барои беҳтар намудани хизматрасонии Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Фархор ҳаллу фасли масъалаҳои зерин пешбинӣ мегарданд: Таъмир ва иваз намудани 12 адад пойгоҳҳо ва муҳаррики барқии пойгоҳҳои обкашии Уртабуз-4, 8 адад насос ва муҳаррики барқии пойгоҳҳои обкашии Уртабуз 1, иваз намудани 1 км қубурҳои баландфишори андозаи аз 800 то 1200 мм дар пойгоҳҳои обкашии мавзеи обёрии мошинии Уртабуз, тозакардани 72 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихочагӣ, 40 км каналҳо, таъмири 37 адад иншоотҳои гидротехникию

обтақсимкунӣ, таъмин намудани идораи мазкур бо техникаи заминкан – 2 экскаватори Хундай, 2 автокран ва 2 адад булдозер, сохтмони иншооти обпарто дар нуқтаи 453-и канали Шохаи чап, сохтмони ҳавзи обтаҳшинкунии бо иқтидори 100 м3/ сония дар нуқтаи 32-и канали магистрали Чубеки ноҳияи Ҳамадонӣ барои пешгирии аз лой ва қум пуршавии иншоотҳои обтақсимкунӣ ва обгирӣ ва беҳбудии ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, ҳамзамон кам намудани хароҷоти Идораи давлатии беҳдошти замин ва обериии ноҳияи Фархор, таъмиру барқарорсозии 5 км новаҳои обгузари мавзеи Уртабуз, иҷрои 5,5 км корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар соҳилҳои дарёи Панҷ (мавзеъҳои Ҷайралӣ 400 м, Қалъаи Пушқоқ 600 м, дар шаҳраки Фархор ҳудуди Заставаи 4- 600 м, Заставаи 3- 1500 м, мавзеи Кокул-Заставаи 2- 2000 м), иҷрои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар соҳилҳои дарёи Сурхоб бо дарозии 13 км дар мавзеъҳои Резишгоҳи заҳкаши КС4- 700 м, деҳаи Сомончӣ 500 м, деҳаи Ҳақиқат 2000 м, мавзеи 1 Май 800 м, деҳаи НуриШарқ - 400 м, Совхози зотпарварии «Ҳисор» - 700 м, деҳаи Ғалаба- 1500 м, дар Канали обрасонии Кокул-2 воқеъ дар деҳаи Сурхоб – 700 м, барқарорсозии 900 м садд (дамба) ва 12 км канали Кокул 2).

Яке аз мушкилиҳои соҳаи обтаъминкунӣ зиёд будани қарзҳои хоҷагиҳо аз рӯи пардохти хизматрасонии обтаъминкунии Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Фархор мебошад.

Дар ноҳия 9 Ассотсиатсияи истифодабарандагони об (АИО) кор ва фаъолият мекунад, ки майдони умумии хизматрасонии онҳо18945 га заминро ташкил менамояд.

*Ҳолати АИО ноҳияи Фархор дар соли 2014*

| Номгӯи АИО | Кадом хоҷагиҳоро хизмат мерасонад | Соли таъсис | Майдони хизматрасонӣ | Баҳодии фаъолияти АИО |
|---|---|---|---|---|
| Дарқад | ҷ/д Дарқад | 2010 | 1937 | Ноустувор |
| Комсомол | ҷ/д Комсомол | 2007 | 2082 | Ноустувор |
| Уртабуз | ҷ/д Гулшан | 2007 | 3153 | Ноустувор |
| Сурхоб | ҷ/д Ғалаба | 2007 | 1601 | Ноустувор |
| Фархор | ҷ/д Фархор | 2014 | 1802 | Ноустувор |
| К. Маркс | ҷ/д Ғайрат | 2007 | 1777 | Ноустувор |
| Сароб | ҷ/д Зафар | 2007 | 1744 | Ноустувор |
| Ватан | ҷ/д Ватан | 2007 | 2840 | Ноустувор |
| Коммунизм | ҷ/д Деҳқонарик | 2007 | 2013 | Ноустувор |

***Чорводорӣ.*** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахши асосии кишоварзии ноҳия ба ҳисоб рафта, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 28,8% ро ташкил менамояд. Дар соли 2014 чорводорони ноҳия дар ҳаҷми 195,9 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки дар қиёс ба соли 2013-ум 1,1 маротиба зиёд мебошад.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ*
*дар ноҳияи Фархор дар солҳои 2011-2014*

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт (дар вазни зинда) | тн | 5627 | 5651 | 6145 | 146,7 |
| Шир | тн | 16232 | 16635 | 17556 | 17929 |
| Тухм | ҳаз. дона | 1526 | 1611 | 1628 | 1645 |
| Пашм | тн | 134 | 136 | 143 | 111,5 |
| Асал | тн | 27 | 28,6 | 29,8 | 33,5 |
| Пилла | тн | 49 | 38,5 | 40,2 | 31,5 |

Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ дар ноҳия дар соли 2014-ум 47843 сар чорвои калон, 102551 сар бузу гӯсфанд, 71775 сар парранда ва 2203 сар асп парвариш ва нигоҳубин меёбад, ки асосан ба хоҷагиҳои аҳолӣ тааллуқ доранд.

*Саршумори чорво дар ноҳияи Фархор*
*дар солҳои 2012-2014 (сар)*

| Нишондод | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Чорвои калон | 47775 | 47783 | 47843 |
| Бузу гӯсфанд | 100867 | 101727 | 102551 |
| Парранда | 71182 | 71262 | 71775 |
| Асп | 2193 | 2195 | 2203 |

Дар солҳои охир тамоюли афзоиши шумораи ҳамаи намудҳои чорво ба назар мерасад, ки сабаби асосии он ҳавасмандии аҳолӣ дар парвариши чорво, афзоиши табиии онҳо мебошад (барои бештари аҳолии ноҳия яке аз сарчашмаҳои даромад ва таъмини оила бо озуқаворӣ парвариши чорво ба шумор меравад). Илова бар ин васеъ шудани майдонҳои кишти хӯроки чорво яке аз омилҳои афзоиши шумораи чорво шуда истодааст.

Ноҳияи Фархор барои парвариши чорвои майда шароити мусоид дорад, зеро ки дар ҳудуди ноҳия 52912 га чарогоҳҳои баҳорию тирамоҳӣ мавҷуд мебошанд, ки онҳо на танҳо аҳамияти ноҳиявӣ, балки аҳамияти минтақавӣ низ доранд. Мушкилоти асосии соҳаи мазкур бад шудани нигоҳубини чарогоҳҳо ва идораи захираҳои онҳо мебошад.

Дар ноҳияи Фархор хоҷагии давлатии зотпарварии "Ҳисор" фаъолият менамояд, ки дар тавозуни он 17749 сар моли майдаи хушзот, аз ҷумла 6151 сар меш, 79 сар чорвои калони шохдор ва 96 сар асп ба қайд гирифта шудааст. Ҳар сол барои рушди соҳаи гӯсфандпарварӣ ба дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ зиёда аз 1200 сар моли майда ба фурӯш баровардa мешавад. Дар хоҷагии мазкур мушкилоти таъминоти об мавҷуд мебошад, ки барои ҳалли он гузаронидани 12 км хати об ва васл намудани пойгоҳи обкашӣ лозим мебошад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2012 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» дар солҳои 2012-2014 дар ҳудуди ноҳия 11 хоҷагии моҳипарварӣ таъсис шуд, ки то 1 январи соли 2015 ба андозаи 55 тонна моҳии хушсифат истеҳсол намуданд. Хоҷагиҳои мазкур ба таъмини хӯрокиҳои серғизо, комбикормҳо ва ба моҳичаҳои молии хушсифат ниёз доранд.

Яке аз мушкилиҳои асосии соҳа чорводорӣ ин аз байн рафтани фермаҳои махсуси чорвои калон, набудани такрористеҳсол, ташкили базаи хӯроки чорво, паст будани маҳсулнокии соҳаи чорво, набудани чорвои калони шохдори хушзод ба ҳисоб меравад. Барои пешгирии касалиҳои чорво аз ҷониби раёсати назорати давлатии бойтории ноҳияи Фархор чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва бартарафсозии касалиҳои сироятӣ андешида мешавад. Дар баробари гузаронидани чорабиниҳои пешгирӣ инчунин корҳои санитарию бойторӣ, назорат аз рӯи ҳолати санитарию бойтории маҳсулоти чорво ва парранда дар бозорҳои шаҳр ва деҳот гузаронида мешаванд.

Дар доираи Барномаи рушди СММ оид ба пешгирӣ ва бартараф намудани бемории бuғумдарди чорвои майдаи шохдор соли 2014 дар ноҳия эмгузаронии 5026 ҳазор сар (ваксина РЕВ-1) ба анҷом расонида шуд. Дар байни бемориҳои чорво бештар бемориҳои буғумдард, бразот энтритаксимия, вабои сумдард, зардпарвин во меҳӯранд.

Дар ноҳия айни замон 7 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ, 10 адад клиникаи бойтории шахсӣ, 8 адад нуқтаи забҳи чорвои марказонидашуда мавҷуд мебошад. Зиёд намудани шумораи клиникаҳои бойторӣ ва дорухонаҳои бойторӣ, ба ақидаи мутахассисон, дар ҳудуди ноҳия барои рушди соҳаи чорводорӣ муҳим мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар айни замон ташкили ҷойҳои махсуси забҳи чорво дар ҳамаи ҷамоатҳои деҳот хеле зарур аст. Дар ноҳия чойҳои махсуси гӯронидани чорво ба ғайр аз ҷамоати Ғалаба ва Ватан дар дигар ҷамоатҳо вуҷуд надорад. Илова бар ин яке аз мушкилотҳои соҳаи чорводорӣ ин норасогии маводҳои дорувории бойторӣ, таҷҳизоти лозима ва нақлиётӣ махсусгардонидашуда мебошад. Дар ҳудуди ноҳия ягон коргоҳи коркарди пашму пӯст амал намекунад.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи чорводориро ба таври зайл шарҳ додан мумкин аст***: нокифоягии таъминоти хӯроки чорво, паст будани маҳсулнокии чорвои мавҷуда, набудани чорвои хушзот дар хоҷагиҳо, кам будани ҷойҳои махсус барои забҳи чорво, набудани ҷойҳои махсус барои гӯронидани чорвои фавтида, дастгирии сусти системаи бойторӣ, норасогии маводҳои дорувории бойторӣ, таҷҳизоти лозима ва нақлиёт, набудани ташхисгоҳи бойторӣ, махсусан набудани ташхисгоҳҳои сайёр (автолабаратория), набудани хоҷагиҳои махсуси зотпарварӣ, набудани фермаҳои хурду миёнаи чорвопарварӣ дар назди хоҷагиҳои кишоварзӣ, набудани қабулгоҳи махсусӣ пашму пӯст ва коркарди он.

***Техникаи кишоварзӣ.*** Мушкилоти дигари соҳаи кишоварзӣ ин ба таври кофӣ таъмин набудани техникаи кишоварзӣ мебошад. Дар солҳои охир ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои (ҶДММ “Зиёратшоҳ”, ҶДММ “Мухтори С”, ҶДММ “Неъмат”) ноҳия 30 адад тракторҳои ғилдиракдори тамғаи МТЗ 80-82 ворид шудааст. Иловатан дар ҳудуди ноҳия муассисаи “Агролизинг” фаъолият менамояд, ки ба хоҷагиҳои ноҳия хизматрасонии техникӣ мерасонад. Муассисаи мазкур дар тавозуни худ 6 адад тракторҳои ғилдиракдор дорад, ки онҳо низ талаботи хоҷагиҳоро ба пуррагӣ қонеъ карда наметавонанд. Барои тамини пурраи механизатсиякунонии соҳаи кишоварзии ноҳияи Фархор на камтар аз 40 адад тракторҳои ғилдиракдор, 20 адад тракторҳои тасмачарх, 3-4 адад комбайнҳои ғалладарав, 30 адад тракторҳои тухмипошак, 20 адад култиваторҳо лозим мебошанд.

*Маълумот оид ба таъмини техникаи кишоварзӣ дар ноҳияи Фархор*

| № | Номгӯи трактор | Ҳамагӣ |
|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо | 525 |
| | аз ҷумла, шудгоркунанда | 108 |
| | ғилдиракдор | 325 |
| 2 | Комбайнҳои ғалладарав | 19 |
| 3 | Ядакҳои тракторӣ | 154 |
| 4 | Достҳои тракторӣ | 16 |
| 5 | Алафҷамъкунакҳо | 7 |
| 6 | Тойбандакҳо | 6 |
| 7 | Тухмипошакхо | 95 |
| 8 | Култиваторҳо | 112 |
| 9 | Сипорҳоитракторӣ | 98 |

Аз тракторҳои мавҷудаи хоҷагиҳои деҳқонӣ 60% ба пуррагӣ ба кор омода буда, 40%-и онҳо корношоям мебошанд. Дар баробари ин, нарасидани қисмҳои эҳтиётии хушсифат, сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва гаронии нархи онҳо ба баланд шудани арзиши маҳсулоти кишоварзӣ бевосита мусоидат мекунад.

***Хизматрасонии кишоварзӣ.*** Дар соли 2014 дар ноҳияи Фархор дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Зафар, Дарқад, Деҳқонариқ, Гулшан ва 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон бо дастгирии ташкилоти байналмилалии «АКТЕД» 12 кооперативи истеҳмолии кишоварзӣ (КИК) таъсис карда шуд, ки дар маҷмӯъ 189 нафар (аз он 50 нафар зан) аъзоро дар бар мегирад. Мақсад аз таъсиси КИК таъмини даромаднокии иқтисодӣ барои аъзои КИК ва махсусан тақсимоти даромад ва хисорот байни аъзои кооператив бо назардошти иштироки онҳо дар фаъолияти хоҷагидорӣ ба шумор меравад.

Самти фаъолияти КИК хизматрасонӣ ва таъминот мебошад. КИК хизматрасонии худро ба муштариёни доими ва ба қадри имкон ба аҳолии ноҳия пешкаш менамояд.

Айни замон кооперативҳои фаъолтарин, аз қабили «Мадади Файз», «Ҳамкор», «Гулистони Фархор», «Каракчӣ», «Ҳақиқати Зафар», «Зафар-Т», «Дӯстии миллат», «Баракати Имоми Аъзам» ба ҳисоб рафта, аз натиҷаи хуби кори онҳо маълум аст, ки ташкили КИК дар соҳаи кишоварзӣ самараи хуб меорад.

Баъдан дар ноҳия боз 8 КИК дар ҷамоатҳои деҳоти Ғайрат, Фархор, Ватан ва Деҳқонариқ ташкил карда шуд. Дар доираи Лоиҳаи мазкур ба 7 КИК-ҳои фаъол ба маблағи умумии 45500 евро грантҳо дода шуд, ки иловатан ба маблағи зикршуда ҳиссагузории кооперативҳо 30% барои хариди таҷҳизоти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва 50% барои хариди техникаи кишоварзиро ташкил намуд. Дар доираи лоиҳаи мазкур барои кишоварзон чорабиниҳои омӯзиши ва намоишҳои кишоварзӣ дар мавзӯъҳои харид ва истифодаи нуриҳои органикӣ, пешниҳоди маблағҳои қарзӣ, ҳифзи растаниҳо, хариди тухмиҳои хушсифати зироатҳои кишоварзӣ ва ниҳолҳои мевадиҳанда, масъалаи қонунгузории кишоварзӣ ва ислоҳоти замин, андоз ва андозбандӣ, идораи бизнеси кишоварзӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ баргузор карда шуд.

## 2.2. Соҳаи саноат

***Мавқеи саноат дар иқтисодиёти маҳаллӣ***. Дар ноҳия 8 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шуда, фаъолияти онҳо дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Дар соли 2014 дар корхонаҳои саноатии ноҳия 532 нафар аҳолии ноҳия кор ва фаъолият доштанд. Музди миёнаи корхонаҳои саноатӣ дар соли 2014 мувофиқи маълумоти расмӣ 482 сомониро ташкил намуд. Корхонаҳои бузургтарини ноҳияи Фархор Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди (ҶДММ) «Некрӯз», ҶДММ «Корпоратсияи Зиёратшо», ҶДММ «Мухтор-С», ҶДММ «Шаҳром 2011», ҶДММ «Фаррес», ҶДММ «Лаззат», ҶДММ «Адолат-А» мебошанд, ки фаъолияти онҳо ба саноати сабук тааллуқ дорад. Корхонаҳои мазкур асосан бо коркарди ашёи хоми пахта машғул мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки ҶДММ «Лаззат» бо сабаби норасогии фондҳои гардон ва маҳдудияти имкониятҳои молиявӣ аз соли 2012 инҷониб аз фаъолият бозмондааст.

Дар соли 2014 дар ноҳияи Фархор ба маблағи 84826,4 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2012 –ум 35717,1 ҳазор сомонӣ ё 29,6% ва нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2013 тақрибан 26,4% кам мебошад. Сабаби коҳиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ арзон шудани нархи пахта дар бозори ҷаҳонӣ ва кам истеҳсол шудани нахи пахта мебошад.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳия дар тӯли солҳои 2012-2014 бо нархҳои ҷории солҳои дахлдор (ҳаз. сомонӣ)*




Корхонаҳои саноатии ноҳияи Фархор бо нерӯи барқ таъмин мебошанд. Дар таркиби соҳавӣ ҷои махсусро коркард ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон, нахи пахта,

хӯроки чорво, тибиту торак ва истеҳсоли молҳои хӯрокворӣ ишғол менамояд. Феълан дар ноҳияи Фархор ду корхонаи сангу шағал бо иқтидори умумии 10 ҳазор тонна дар як шабонарӯз фаъолият менамоянд, ки 100%-и талаботи ноҳияро қонеъ мегардонанд. Корхонаҳо ба тағйири намуди истеҳсолот ва барориши намудҳои нави маҳсулот, махсусан истеҳсоли ашёи дуюмдарача ва сеюмдарача ниёзманд мебошанд.

*Нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои саноатии ноҳияи Фархор*




| | Маҳсулоти дӯзандагӣ, хазор сомонӣ | Маҳсулоти нонӣ, тонна | Истеҳсоли орд, тонна | Равғани растанӣ, тонна | Истеҳсоли гӯшт, тонна | Масолехи сохтмон-сангреза, м3 | Нахи пахта, тонна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Соли 2012 | 1287 | 321,3 | 4961 | 225 | 312 | 1267 | 9025 |
| Соли 2013 | 1651 | 326,9 | 5346 | 289 | 329 | 1521 | 8489 |
| Соли 2014 | 1835 | 432,2 | 5655 | 330 | 349,8 | 1639 | 5435 |

Айни ҳол мушкилоти асосии корхонаҳои саноатӣ ин қарздории корхонаҳо дар назди мақомотҳои андоз ва идораи фурӯши барқ, сатҳи пасти менеҷмент, набудани системаи муосири маркетинг, сатҳи пасти маблағгузориҳои мутамарказ, норасогии воситаҳои гардон, фоизи баланди воситаҳои қарзӣ, мавҷуд набудани қарзҳои имтиёзнок, рақобатнопазирии маҳсулоти истеҳсолгардида, номунтазам дастрас гардидани барқ ва мавчуд набудани гази табиӣ, ки ба рушди корхонаҳо монеъ мешаванд ва фазои сармоягузориро барои сармоягузорони потенсиалӣ маҳдуд менамоянд.

Дар ноҳия аз сабаби норасоии маблағҳои зарурӣ ва фармоишгарону бозори фурӯши маҳсулот, корхонаҳои саноатӣ бо иқтидори пурраи худ кор намекунанд, ки ин ҳам ба норасоии маблағ, набудани технологияҳои нав, кам истифода бурдани усулҳои ҳозиразамони менеҷменту маркетинг ва набудани марказҳои машваратӣ алоқаманд мебошад.

*Ҳолати корхонаҳои саноатии ноҳияи Фархор дар соли 2014*

| № | Корхонаи саноатӣ | Намуди маҳсулотҳои истеҳсолшаванда | Икдидори лоиҳавӣ | Иқтидори ҳозира | Ҳолати техникӣ | Истеъмолгарон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ЧДММ «Некрӯз» | Нахи пахта | 15 хаз. Тонна ашёи хом | 1001,6 | 100% коршоям | Россия |
| | | Чигит | | 1535 | | |
| | | Тибит | | 36,2 | | |
| | | Торак | | 29,3 | | |
| | | Пат | | 15 | | |
| | | Равғани растанӣ | | 13 | | |
| | | Кунҷора | | 70 | | |
| 2. | ЧДММ «Корпоратсияи Зиёратшоҳ» | Нахи пахта | 15 хаз. тонна ашёи хом | 2455,4 (8000) | 100% коршоям | Шветсария ширкати «П. Рейхард», Молдавия ширкати «Глазго транзит» |
| | | Чигит | | 3951,3 | | |
| | | Тибит | | 108,8 | | |
| | | Торак | | 82,5 | | |
| | | Пат | | 41,9 | | |
| | | Равғани растанӣ | | 57,5 | | |

| № | Корхонаи саноатӣ | Намуди маҳсулотҳои истеҳсолшаванда | Иқдидори лоиҳавӣ | Иқтидори ҳозира | Ҳолати техникӣ | Истеъмолгарон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Кунҷора | | 263,5 | | |
| | | Пахтаи курпаӣ | | 49,2 | | |
| | | Карбос | | 29196 | | |
| | | Колобаи ришта | | 83,3 | | |
| | | Шулха | | - | | |
| 3. | ҶДММ «Мухтор- С» | Нахи пахта | 15 хаз. тонна ашёи хом | 2108 | 100% коршоям | Россия |
| | | Чигит | | 3361 | | |
| | | Тибит | | 105 | | |
| | | Торак | | 37,5 | | |
| | | Пат | | 42,5 | | |
| 4. | ҶДММ «Исмоили –Д» | консерва | 15 ҳаз қ/ш | 6 қ/ш | Ба талабот ҷавобгӯ нест | н. Фархор |
| 5. | ҶДММ «Комунна» | консерва | 15 ҳаз қ/ш | 5 қ/ш | Ба талабот ҷавобгӯ нест | н. Фархор |
| 6. | АХД «Мадат» | консерва | 15 ҳаз қ/ш | 3,7 қ/ш | Ба талабот ҷавобгӯ нест | н. Фархор |
| 7. | АХД «Сӯхроб» | консерва | 15 ҳаз қ/ш | 2,5 қ/ш | Ба талабот ҷавобгӯ нест | н. Фархор |
| 8. | ҶДММ «Шаҳром 2011» | Тибит, торак | 10 ҳазор тонна | 2 | Ба талабот ҷавобгӯ нест | н. Фархор |
| 9. | Ҷамъияти «Тоҷик-матлубот» | Нон ва маҳсулоти нони | 15 ҳаз қ/ш | 91,2 тонна | Ба талабот ҷавобгӯ нест | |
| 10 | ҶДММ «Адолат- А» | Нахи пахта | 15 хаз. тонна ашёи хом | 2455,4 (8000) | 100% коршоям | Россия ва дохили ҷумҳурӣ |
| | | Чигит | | 3951,3 | | |
| | | Тибит | | 108,8 | | |
| | | Торак | | 82,5 | | |
| | | Пат | | 41,9 | | |
| | | Равғани растанӣ | | 57,5 | | |
| | | Кунҷора | | 263,5 | | |
| | | Пахтаи курпаӣ | | 49,2 | | |
| | | Карбос | | 29196 | | |
| | | Колобаи ришта | | 83,3 | | |
| | | Шулха | | - | | |

Таҳлилҳо собит месозанд, ки дар баробари пешравиҳо мушкилиҳое низ мавҷуд мебошанд, ки садди роҳи пешравии корхонаҳои саноатии коркарди пахта шуда истодаанд, аз ҷумла:

- Аз сабаби тағйирёбии нархи пахта дар бозорҳои ҷаҳонӣ маҳсулоти истеҳсолшуда ба пуррагӣ ба савдо нарафта истодааст ва нархи бозор аз арзиши аслии пахтаи истеҳсолшуда якчанд маротиба паст мебошад.
- Барои такрористеҳсоли маҳсулот, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии тайёр имкониятҳои корхонаҳо маҳдуд мебошанд.
- Дур будани роҳи оҳан ва иншоотҳои муваққатии анборкунии маҳсулот аз ноҳияи Фархор. Бинобар набудани шароити мусоид барои анборкунонии муваққатии маҳсулот дар истгоҳи роҳи оҳани ноҳияи Восеъ корхонаҳо маҷбур ҳастанд, ки маҳсулоти худро аз истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Қӯрғонтеппа ба содирот бароранд, ки он дар масофаи 150 км ҷойгир шудааст.

Дар ҳудуди ноҳия 4 корхонаи хурди коркарди маҳсулоти меваву сабзавот (Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Коммуна», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Исмоили-Д», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сухроб» ва АХД «Мадат») фаъолият мекунад. Корхонаҳо асосан бо истеҳсоли консерваи помидор, бодиринг, афшураҳо аз хуч, олуча ва дигар намудҳои маҳсулот машғул мебошанд ва

дар онҳо 43 нафар коргарон фаъолият менамоянд (70% коргаронро занҳо ташкил медиҳанд). Мавриди зикр аст, ки ҷараёни технологии корхонаҳои зикргардида дастӣ буда, ба талаботи замонавӣ ҷавобгӯй нест. Маҳсулоти истеҳсолшаванда аз ҷиҳати ороиши борпечони, гуногунии маҳсулоти (ассортимент) ба талаботи замон ҷавобгӯй нестанд. Роҳбарони корхонаҳо аз ҷиҳати дониши маркетинги маҳсулот, занҷири арзиши иловашуда маълумоти кофӣ надоранд.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ*
*дар корхонаҳои ноҳияи Фархор дар солҳои 2012-2014*

| Номгӯи корхонаҳо | Истеҳсоли маҳсулот бо намуди аслӣ | | | | Ҳаҷми маҳсулот (ҳаз.сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Воҳ.ченак | Солҳо | | | | | |
| | | 2012 | 2013 | 2014 | 2012 | 2013 | 2014 |
| ҶДММ «Некрӯз» | | | | | | | |
| | нахи пахта | 451,7 | 510,4 | 368 | 115.6 | 3531.6 | 2159.2 |
| | чигит | 737,7 | 862,2 | 612 | 52.8 | 1438.0 | 1223.2 |
| | Тибит | 20,4 | 26,6 | 18,5 | 1.7 | 89.1 | 57.2 |
| | Торак | 12 | 12,4 | 9,2 | 0.6 | 24.1 | 14.1 |
| | Пат | 7,7 | 12,2 | 8,9 | 0.6 | 7.1 | 8.9 |
| | Равғани растанӣ | | | | | | |
| | Кунҷора | | | | | | |
| ҶДММ «Зиёратшоҳ» | | | | | | | |
| | Нахи пахта | 3462 | 3664 | 2142 | 2746.0 | 23692.7 | 12474.0 |
| | Чигит | 1250 | 818 | 3277 | 1060.0 | 9349.8 | 5303.4 |
| | Тибит | 155 | 167,6 | 113 | 52.5 | 488.6 | 302.0 |
| | Торак | 84 | 54,8 | 29,5 | 22.9 | 116.3 | 59.2 |
| | Пат | 66 | 61,7 | 51,6 | 1.1 | 6.0 | 5.1 |
| | Равғани растанӣ | 38,2 | 9,7 | 5,1 | 15.4 | 44.3 | 24.2 |
| | Кунҷора | 170,7 | 44,2 | 23,1 | 24.1 | 72.4 | 41.0 |
| | Пахтаи курпаи | 27,6 | 2,5 | | 24.5 | 15.1 | 168.0 |
| | Карбос | 40517 | 38617 | | 19.3 | 188.7 | |
| | Колобаи ришта | | | | | | |
| | Шулха | | | | | | |
| ҶДММ «Мухтор-С» | | | | | | | |
| | Нахи пахта | 2196 | 2001 | 1130 | 1323.0 | 14069.1 | 6604.0 |
| | Чигит | 350 | 3373 | 1705 | 536.0 | 4632.0 | 3173.0 |
| | Тибит | 92,2 | 93,3 | 61,2 | 26.0 | 213.7 | 138.0 |
| | Торак | 46,3 | 35,2 | 32,6 | 4.0 | 45.2 | 24.3 |
| | Пат | 44,3 | 37,2 | 32,6 | 1.0 | 0.6 | |
| ҶДММ «Исмоили- Д» | консерва | 12,5 | 28 | 13,9 | | 18.2 | 19.8 |
| ҶДММ «Комунна» | консерва | 14 | 15 | | | 9.3 | |
| АХД «Мадат» | консерва | 4,2 | 4 | | | 2.5 | |
| АХД «Сухроб» | консерва | 1,8 | 13,7 | | | 8.5 | |
| Ҷамъияти «Тоҷикматлубот» | Нон ва маҳсулоти нонӣ | 116 | 126,9 | 74,6 | | 209.4 | |

Дар боробари дигар корхонаҳо, корхонаи истеҳсоли маҳсулоти нониву қаннодии ҷамъияти «Тоҷикматлубот» аз давраи собиқ шӯравӣ фаъолият намуда, дар он 5 нафар кормандон фаъолият менамоянд (аз он ҷумла занҳо 3 нафар). Музди миёнаи кормандони корхонаи мазкур 240-260 сомониро ташкил менамояд. Намудҳои асосии маҳсулоти истеҳсолшаванда нон ва маҳсулоти нонӣ, қаннодӣ ва ғайра мебошад. Мушкилии асосие, ки ба рушди корхонаи мазкур монеъ мешавад, ин кӯҳнаву фарсуда будани таҷҳизот ва лавозимоти истеҳсолӣ, дастӣ будани ҷараёни истеҳсолот, ба талаботи замонавӣ ҷавобгӯ набудани сифати баъзе аз маҳсулоти истеҳсолшаванда, нокифоя будани малакаи технологҳо, махсусан дар истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ, паст будани сифати борпечонии (упаковка) маҳсулоти истеҳсолшуда, маҳдуд будани бозори фурӯш ва ғайраҳо ба шумор мераванд.

***Иқтидор (Потенсиал).*** Дар ноҳия шароити мусоид барои васеъ намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пахта, меваву сабзавот, маҳсулоти чорводорӣ ва имконияти хуби бунёди корхонаҳои замонавии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мавҷуд мебошад. Бояд қайд намуд, ки мавқеи ҷуғрофии ноҳия ва махсусан ҳамсарҳадии он бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар оянда барои корхонаҳои саноатии ноҳияи Фархор метавонад ҳамчун бозори пуриқтидори фурӯши маҳсулот хизмат расонад. Дар ноҳия захираҳои бойи таббиии сохтмонӣ мавҷуд мебошад, ки дар асоси он метавон минбаъд имконияти хуби таъсиси корхонаҳои истеҳсоли хишти пухта, мумфарш, оҳак ва гаҷ, плиткаҳои керамикӣ, маводи оҳану бетонӣ, шиша ва ғайраҳо ташкил намуд.

Ноҳияи Фархор барои рушди саноат имкониятҳои зиёд дорад. Истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои табиӣ ва канданиҳои фоиданоке, ки дар ноҳия вуҷуд доранд, метавонад ба рушди ояндаи иқтисодиву иҷтимоии ноҳия мусоидат намояд. Ноҳия аз канданиҳои фоиданоки табиии оҳаксанг (дар мавзеъи Сурхоби ҷамоати деҳоти Ғалаба), масолеҳи инертии бинокорӣ – гилхок ва шағал (дар ҷамоати Даркад) бой мебошад.

Инчунин, ташкили корхонаи хурди пеноблок дар деҳаи Сайёра чамоати деҳоти 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон фаъолият мекунад. Ноҳияи Фархор аз растаниҳо ва гиёҳҳои шифобахш бой аст ва дар сурати ташкили коркарди онҳо метавон ба рушди соҳаи дорусозӣ низ такони ҷиддӣ бахшид.

Ба рушди потенсиали саноатии ноҳия мавҷудияти ашёи хоми маҳаллӣ мусоидат менамоянд. Майдонҳои истеҳсолии озод ва иншоотҳои муҳандисию коммуникатсионӣ имконият медиҳанд, ки дар заминаи онҳо таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионие, ки аз нуқтаи назари камхарҷии маблағҳои муттамаркази ба сохтмони инфрасохтори истеҳсолӣ алоқамандбуда, иншоотҳои муҳандисию коммуникатсионӣ, инчунин воситаҳои истеҳсолоти бузургхарҷ ба роҳ монда шаванд. Дар оянда давоми солҳои 2016-2020 ташкил намудани корхонаи муштарак бо ширкатҳои хориҷӣ оиди барориши маҳсулоти рақобатпазир, махсусан маҳсулотҳои соҳаҳои сохтмон ва саноати сабук ба назар гирифта шавад.

Бо мақсади беҳтар намудани нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шароитҳои мусоид барои рушди соҳа зарурият ба миён омадааст, ки тавассути дар заминаи корхонаҳои мавҷуда созмон додани коргоҳҳои хурд барои коркарди ашёи хоми дар ноҳия истеҳсолшаванда (пахта, мева ва сабзавот, пӯсту пашм, коркарди пила) ташкил карда шавад. Дар ноҳия имкониятҳои мувофиқ ҷиҳати ташкили истеҳсолот барориши маснуоти оҳану бетон, маводи сохтмонӣ мавҷуд мебошанд, ки барои ҳалли мушкилиҳои сохтмон ва таъминоти манзил барои аҳолӣ нақши назаррас мебозад.

Айни ҳол ба рушди устувори соҳаи саноат дар ноҳияи Фархор ҷалби нокифояи сар-мояи хориҷию дохилӣ, мавҷуд набудани инфрасохтори лозимӣ, нокифоягии маблағгузорӣ, ворид нагардидани технологияҳои муосири саноати кӯҳкорӣ, норасогии мутахассисони соҳибтаҷриба монеагӣ менамоянд. Бинобар ин, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо сохторҳои вилоятӣ, соҳибкорон, ташкилотҳои байналхалқии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта ва вазорату идораҳои дахлдор, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва бизнес нақшаҳоро таҳия намуда оиди ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ аз тамоми сарчашмаҳои имконпазир барои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолии хурду миёна ва воридоти технологияҳои муосир ҳамкориро ҷоннок намояд.

***Мушкилиҳои асосӣ.*** Аз сабаби ҷавон будани соҳаи саноат дар ноҳия мушкилоти дарёфти дархости мизоҷон вуҷуд дорад. Маҳсулоти истеҳсолшуда саривақт ба фурӯш намеравад. Алалхусус истеҳсоли пеноблок, ки мардуми ноҳия омодаи истифодабарии ин намуди маҳсулот нестанд нисбатан ташвишовар аст. Зиёд будани воридоти маҳсулоти сохтмони аз беруни ноҳия барои истехсолкунандагони дохили рақобатро ба вуҷуд меоранд. Баъзе корхонаҳо фаъолиятро қатъ намуданд ва баъзеашон истеҳсолоти худро тағйир дода, ба барориши намудҳои нави маҳсулоти серталабот шурӯъ намуданд.

## 2.3. Соҳибкории хурду миёна (СХМ)

***Нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти маҳаллӣ.*** Барои рушди ноҳияи Фархор соҳибкории хурд ва миёна самти ояндадор ва пуриқтидор ба шумор меравад. Аммо бо назардошти дурдаст будани ноҳия бАахши СХМ асосан тавассути савдои хурди чакана, кишоварзӣ марҳила ба марҳила тараққӣ карда истодаанд. Рушди минбаъдаи иқтисодию ичтимоии ноҳияи Фархор аз рушди соҳибкории хурду миёна алоқамандии ногусастанӣ дорад. Соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти ноҳия мавқеи муҳим дорад ва бояд соҳаи асосии рушди иқтисодиёти ноҳия гардад.

Тибқи натичаҳои таҳлил дар ноҳияи Фархор шумораи субъектҳои соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ) тамоюли зиёдшавӣ дошта, дар соли 2014 ҳамагӣ 5041 ададро (аз чумла 1570 шахси ҳуқуқи ва 3471 адад шахси воқеъӣ) ташкил додааст. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар таъмини аҳолӣ бо чойҳои корӣ нақши муҳимро ичро менамояд, зеро айни ҳол дар субъектҳои мазкур 4860 нафар бо чойи корӣ таъмин гаштаанд. Дар соли 2014 дар ноҳия соҳибкорони дорои патент 727 нафар буданд, ки 135 нафари онро занҳо ташкил медиҳанд. Шумораи соҳибкорони дорои шаҳодатнома бошад, ба 278 нафар расидааст. Соҳибкорони тариқи патент фаъолият дошта асосан ба фурӯши молҳои омехта, фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, мусофиркашонӣ ва боркашонӣ машғул мебошанд. Айни замон, дар ноҳияи Фархор 119 адад чамъияти масъулияташон маҳдуд ба қайд гирифта шудаанд.

*Нақши СХМ дар шуғли аҳолӣ ва воридоти андозҳо аз рӯи соҳаҳо дар соли 2014*

| Соҳаҳои иқтисодиёт | Шумораи субъектҳои ба қайдгирифташудаи СХМ | | Шуғли аҳолӣ | | Воридоти андозҳо ба буҷет | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шумораи чойҳои корӣ | %-аз шуғли умумӣ | Сомонӣ | %-аз ҳаҷми умумии андозҳои СХМ |
| Кишоварзӣ | 1060 | 1187 | 8147 | 80% | 2744625 | 31,68% |
| Саноат | 5 | 33 | 421 | 4,1% | 1999822 | 24% |
| Сохтмон | 8 | 7 | 93 | 0,9% | 1985192 | 23% |
| Наклиёт ва алоқа | 3 | 35 | 159 | 1,56% | 837696 | 9,7% |
| Савдои чакана ва хӯроки умумӣ | 1 | 515 | 295 | 2,9% | 512017 | 5,9% |
| Хизматрасонӣ | 12 | 179 | 492 | 4,83% | 20200 | 0,23% |
| Хизмати молиявӣ | - | 6 | 63 | 0,6% | 25250 | 0,29% |
| Дигар соҳаҳо | 485 | 611 | 512 | 5,1% | 451589 | 5,2% |
| Чамъ: | 1574 | 2573 | 10182 | 100% | 8576391 | 100% |

*Ҳаҷми истеҳсолот ва хизматрасониҳои СХМ дар соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Фархор дар соли 2014 (ҳазор сомонӣ)*




Қисми асосии субъектҳои СХМ-и ноҳия дар соҳаи савдо (чамъ 11 субъект), кишоварзӣ (чамъ 1060 субъект), нақлиёту алоқа (чамъ 3 субъект) ва хизматрасонӣ (чамъ 5 субъект), саноат (чамъ 5 субъект), сохтмон (чамъ 7 субъект) хизмати молиявӣ (чамъ 8 субъект) машғул мебошанд.

Дар самти воридоти маблағ ба буҷаи маҳаллӣ бошад, дар соли 2014 саҳми соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, саноат, хизматрасонии молиявӣ ва савдо зиёд буда, аз ҳисоби субъектҳои СХМ дар ин соҳа машғул буда, ба буҷети маҳаллӣ 19885760 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки ин 38,2 %-и қисми даромади буҷети ноҳияро ташкил медиҳад.

Рушд наёфтани бисёр намудҳои соҳибкорӣ, ки ба хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот машғуланд, ба нокифоя будани имкониятҳои молиявии соҳибкорон ва арзиши гарони содироти маҳсулот ба бозори беруна марбут мебошад. Баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти ноҳия ва некӯаҳволии аҳолии он инчунин, ба ҳалли мушкилиҳои таъмини нуқтаҳои аҳолинишин бо неруи барқ, ба рушди энергетикаи хурду ғайрианъанавӣ, бунёди инфрасохтор, низоми боэътимоди нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ вобаста мебошад. Беҳтар намудани ҳолати роҳҳои мошингарди ноҳия ва роҳҳои ба ноҳияҳои ҳамсоя ва маркази вилоят пайвасткунанда, барои баровардани маҳсулоти кишоварзии дар ноҳия истеҳсолшуда ба бозорҳои беруна, аҳамияти муҳими иқтисодӣ дорад.

Дар ноҳия таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ оид ба тайёр намудани доруҳои мухталиф аз гиёҳҳои шифобахш, растаниҳои худрӯй ва алафҳои гуногун, барои иқтисодиёти ноҳия хеле муфид буда, инкишофи соҳаи истеҳсоли доруворӣ имконият фароҳам меорад, ки аҳолӣ аз он даромади иловагӣ гирад.

Соли 2014 ҳиссаи соҳибкории хурду миёна дар қисмати даромади буҷети маҳаллӣ 38,2 фоизро ташкил дод.

*Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби СХМ аз рӯи соҳаҳо (ҳазор сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Ҷамъ дар солҳои 2012-2014 |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 3900321 | 4840108 | 5146435 | 13886864 |
| Саноат | 1155930 | 1434453 | 1525238 | 4115621 |
| Сохтмон | 452124 | 561064 | 596573 | 1609761 |
| Савдо | 21099 | 26183 | 27841 | 75123 |
| Нақлиёт ва алоқа | 232090 | 288013 | 306241 | 826344 |
| Дигар андозсупорандагон ва хизматрасонӣ | 9309229 | 11552298 | 12283432 | 33144959 |
| Ҳамагӣ: | 15070793 | 18702119 | 19885760 | 53658672 |

*Шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна*

| Соҳаҳо | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ |
| Кишоварзӣ | 1020 | 1998 | 1047 | 2298 | 1060 | 2573 |
| Саноат | 3 | | 5 | | 5 | |
| Сохтмон | 8 | | 8 | | 8 | |
| Нақлиёт ва алоқа | 3 | | 3 | | 3 | |
| Савдо | 1 | | 1 | | 1 | |
| Хизматрасонӣ | 7 | | 10 | | 12 | |
| Хизмати молиявӣ | | | | | | |
| Дигар сохторҳо | 485 | | 485 | | 485 | |
| Ҷамъ: | 1527 | 1998 | 1559 | 2298 | 1574 | 2573 |
| Дар якҷоягӣ | 3525 | | 3857 | | 4147 | |

Саҳми соҳибкории хурду миёна дар рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, савдо ва бунёди иншоотҳои сохтмонӣ ҳамасола афзоиш ёфта, аз ин ҳисоб буҷети маҳаллӣ ғанӣ гардида истодааст. Аз ҷумла, дар давоми солҳои 2012-2014 аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ 387 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳаи саноат 53,2 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳаи савдо 390,5 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби соҳаи сохтмон 579 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид гардидааст. Баланд бардоштани малакаю дониши соҳибкорон, дастрас гардонидани иттилооти зарурӣ оиди бозорҳои фурӯши молу маҳсулот ва тағйирёбии конюктураи он, инчунин дастрас гардонидани қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон, барои рушди соҳаи СХМ такони нав мебахшад.

Аз 1100 субъекти соҳибкории хурди инфиродӣ 728 бо патент кор мекунанд, ки ин аз маҳдуд будани микёси фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад. Мутаассифона дар соҳаҳои иқтисодиёти ноҳияи Фархор таъсисёбии субъектҳои соҳибкории хурди истеҳсолӣ қариб, ки ба назар намерасад. Дар се соли охир ҳамагӣ як субъекти соҳибкории хурди истеҳсолӣ оид ба коркардӣ маҳсулоти саноатӣ таъсис ёфтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии субъектҳои соҳибкории хурду миёна сол то сол зиёд шуда бошад, ҳам лекин ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ тамоюли ноустувори рушдро дорад.

Корхонаҳои саноатӣ, ки ба субъектҳои СХМ дохил мешаванд, дорои таҷҳизоти технологӣ мебошанд, аммо дар зери таъсири манфии якчанд омилҳо (фарсуда ва кӯҳна будани таҷҳизотҳо, бунбасти коммуникатсионӣ, душвории амалиётҳои содиротӣ, ҳаҷми ками истеҳсоли маҳсулот, хароҷотҳои зиёди нақлиётӣ, норасогии воситаҳои гардишӣ ва набудани сармояи зарурӣ) фаъолияташон коста шудааст ва ё аз фаъолият боз мондаанд.

Мавриди тазаккур аст, ки 82 фоизи шуғли аҳолӣ дар бахши СХМ танҳо ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд ва 18 фоизи кормандон дар соҳаҳои боқимондаи хоҷагии халқ шуғл доранд, ки ин аз рушди нокифояи соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноату сохтмон, нақлиёту хизматрасонӣ ва савдо шаҳодат медиҳад.

Гарчанде, ки мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ ҳисоб карда шудааст, аммо дар амал дар ин соҳа соҳибкории воқеъӣ кам ба назар мерасад. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ тамоман дида намешавад, таъмини бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ номунтазам аст.

Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар шуғли аҳолӣ 86 фоиз, ҳиссаи ин соҳа дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот 24,4 фоиз ва 7,6 фоиз аз ҳаҷми умумии андозҳои воридшуда ба буҷети ноҳия аз рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Бо назардошти таҳлилу гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки раванди васеъгардонии шумораи корхонаҳои хурд, алалхусус корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ғайри қаноатбахш мебошад. Дар ноҳия шароитҳои мӯътадил ва захираҳое мавҷуданд, ки ба афзоиши шумораи корхонаҳои хурд имконият дода, барои бо молҳои ватанӣ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва ба ин восита паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон дар ноҳия дар соли 2013 ҳамагӣ 1 субъекти соҳибкори шахси ҳуқуқӣ таъсис ёфта, ягон соҳибкори инфиродӣ фаъолияташро қатъ накардааст.

Дар соли 2014 шумораи соҳибкороне, ки фаъолияти худро дар асоси патент пеш мебаранд, 728 нафарро ташкил намуд (аз ҷумла занҳо 42%), ки 692 нафари онҳо дар самти савдо ва хӯроки умумӣ фаъолият менамоянд.

Аз соҳибкороне, ки дар асоси патент фаъолияти худро пеш мебаранд, доимӣ ва мунтазам амалкунандаи онҳо 54%-ро ташкил медиҳад. Шумораи соҳибкороне, ки фаъолияти худро дар асоси шаҳодатнома ба роҳ мондаанд, дар соли 2014-ум 1848 нафарро ташкил намуд (15%), ки азон 1798 нафар соҳибкорон дар соҳаи кишоварзӣ машғул мебошанд.

Мувофиқи маълумоти расмӣ дар ноҳия 728 адад мағозаҳои фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, 25 адад нуқтаи фурӯши маҳсулоти нафтӣ, 18 нуқтаи гӯшт фурӯши, 19 адад дорухона, 15 нуқтаи фита фурӯши, 15 адад нуқтаи фурӯши қисмҳои эҳтиёти, 46 адад нуқтаҳои фурӯши молҳои рӯзгор, 12 адад нуқтаи фурӯши молҳои сохтмонӣ, 3 адад бозорҳои доимамалкунанда, 5 адад бозори мол, 7 адад бозорҳои яквақта, 7 нуқтаҳои чиптафурӯши, 25 адад осиёбиорд, 20 адад ошхона, 20 нуқтаи таъмири воситаҳои нақлиёт, 5 нуқтаи тамири радиотехника, 14 нуқтаи саққобозӣ, 3 меҳмонхона, 17 сартарошхона, 5 ҳаммом, 9 нуқтаи таъмири пойафзол, 3 интернет кафе ва бозиҳои компютерӣ, 20 нуқтаи хизматрасонии телефонҳои мобилӣ мавҷуд буда, ингуна марказҳои савдо ва хизматрасонӣ марҳила ба марҳила зиёд шуда истодаанд.

***Хизматрасониҳо барои рушди СХМ.*** Дар ноҳияи Фархор соҳаи хизматрасонии молиявӣ сол то сол рушд ёфта истодааст. Айни замон дар ҳудуди ноҳия 3 филиалӣ бонкҳои тиҷоратӣ ва 6 ташкилотҳои қарзии хурд фаъолият менамоянд. Дар соли 2014 аз тарафи ташкилотҳои молиявӣ ба 1602 соҳибкор ба маблағи умумии 20 миллиону 800 ҳазору 440 сомонӣ қарзҳо пешниҳод карда шудааст.

*Маълумот оид ба қарзҳои ба СХМ додашуда дар буриши соҳаҳои асосӣ дар давраи солҳои 2012-2014 (ҳаз. сомонӣ)*

| Номгӯи ташкилот | Сол | Ҳаҷми умумии карзҳои дода шуда | Шумораи шахсони, ки қарз дода шудааст | Соҳаҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Кишоварзӣ | Саноат ва истеҳсоли хурд | Савдо ва хизматрасони | Сохтумон | Ичтимоӣёт | Хӯроки умуми | Дигар соҳаҳо |
| Филиали «Агроинвестбонк» | 2012 | 7891584 | 650 | 4585814 | | 816423 | | 2489347 | | |
| | 2013 | 10538846 | 927 | 5356817 | | 1739270 | | 3442759 | | |
| | 2014 | 11395282 | 942 | 4877447 | | 1872380 | | 4645455 | | |
| | Ҷамъ: | 29825712 | 2519 | 14820078 | | 4428073 | | 10577561 | | |
| Филиали «Амонатбонк» | 2012 | 150000 | 70 | 100000 | | | 200000 | 150000 | | 150000 |
| | 2013 | 230000 | 147 | 150000 | 50000 | 100000 | 800000 | 7000000 | | |
| | 2014 | 3500000 | 250 | 100000 | 100000 | 500000 | 1200000 | 1000000 | | 600000 |
| | Ҷамъ | 5950000 | 467 | 350000 | 150000 | 600000 | 2200000 | 8150000 | | 750000 |
| Филиали ҶСШК «Тоҷиксодиротбонк» | 2012 | 6865627 | 251 | 3201315 | 1092022 | 2298345 | | 273945 | | |
| | 2013 | 5165723 | 199 | 1980360 | 1601983,8 | 1455141,3 | | 128238,4 | | |
| | 2014 | 3928005 | 190 | 1421849 | 1779128 | 670910 | | 56118 | | |
| | Ҷамъ | 15959355 | 640 | 6603524 | 4473134 | 4424396,3 | | 458301,4 | | |
| Филиали ҶДММ ТКҲ «Имон» | 2012 | | | | | | | | | |
| | 2013 | | | | | | | | | |
| | 2014 | 1977153 | 220 | 717755 | | 167952 | | | | 1091446 |
| | Ҷамъ | 1977153 | 220 | 717755 | | 167952 | | | | 1091446 |
| Ҳамагӣ дар 3 сол: | 2012 | 14907211 | 971 | 7887129 | 1092022 | 3114768 | 200000 | 2913292 | | 150000 |
| | 2013 | 15934473 | 1273 | 7487177 | 1651983,8 | 3694411,3 | 800000 | 10570997,4 | | |
| | 2014 | 20800440 | 1602 | 7117051 | 1879128 | 3211242 | 1200000 | 5701573 | | 1691446 |
| | Ҷамъ | 51642124 | 3846 | 22491357 | 4623133,8 | 10020421,3 | 2200000 | 19185862,4 | | 1841446 |




Давоми солҳои 2012-2014 аз ҷониби бонкҳои ноҳия пешниҳоди қарзҳо, махсусан қарзҳои имтиёзнок барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла саноат қонеъкунанда буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, зиёд намудани ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва дарозмӯҳлат барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, алалхусус барои бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулоти саноатӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа маҳсуб меёбад.

Тӯли се соли охир (солҳои 2012-2014) барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия ва беҳбудии фазои соҳибкорӣ аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ дар маҷмӯъ беш аз 51642124 ҳазор сомонӣ қарз дода шудааст, ки аз ин 4623133,8 ҳазор сомонӣ ба соҳаи саноат, 22491357 сомонӣ ба соҳаи кишоварзӣ, 2200000 ҳазор сомонӣ ба соҳаи сохтмон, 1020421,3 ҳазор сомонӣ барои савдо ва хизматрасонӣ, 19185862,4 ҳазор сомонӣ ба соҳаи иҷтимоиёт ва 1841446 сомонӣ ба дигар соҳаҳо рост меояд, ки нисбати се соли гузашта зиёд мбеошад.

Илова бар ин соли 2014 ба воситаи бонкҳо аз хориҷӣ кишвар ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба андозаи 17,2 млн. долари ИМА ва 4,8 млн. рубли Руссия ворид гаштааст.

Соҳибкорони ноҳияи Фархор ба маблағҳои қарзии имтиёзноку дарозмӯҳлат ва грантҳо, ба кӯмаки техникию машваратӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес, курсҳои донишомӯзии менеҷмент ва маркетинг, дастрас намудани таҷҳизоти лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ, ҳамзамон ба дастрасӣ ба сохторҳои кӯмакрасон (бизнес инкубаторҳо) ниёз доранд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи СХМ***. Аз сабаби дурдаст ва асосан кӯҳӣ будани ноҳияи Фархор рушди СХМ бо баъзе мушкилот дучор мегардад. Бад будани ҳолати роҳҳои маҳаллӣ, нархи гарони МРМ (ГСМ), баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, набудани малакаи фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин набудани Ассотсиатсияи соҳибкорон барои имконияти ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон, дар сатҳи паст қарор доштани огоҳии соҳибкорон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо рушди соҳаи мазкурро бо монеаҳо дучор месозад. Мушкилиҳои дигаре, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна таъсири манфӣ мерасонад, ин дастрас набудани маблағҳои грантӣ барои рушди соҳибкорӣ, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо, аз марказҳои ҷумҳуриявӣ дур будани ноҳия, мавҷуд набудани хати роҳи оҳан, набудани бозори назди сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон, маҳдудияти бозори дохилӣ, баланд будани меъёрҳои андоз ва тартиби андозситонӣ, набудани маркази машваратию иттилоотии соҳибкорӣ, паст будани нерӯи соҳибкорон дар масъалаҳои ташкил ва идораи фаъолияти соҳибкорӣ, набудани иттиҳодияҳои ҷамъиятии соҳибкорӣ, ки метавонанд ҳамчун платформаи асосии муошрати ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахшҳои хусусӣ дар масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкорон, иштироки онҳо дар раванди рушд ва ғайра бошанд, паст будани маълумоти соҳибкорон дар масъалаҳои ҳуқуқӣ, тартиб додани бизнес нақшаҳо ва нақшаҳои инвеститсионӣ, маркетинг, маълумот оид ба фандрейзинг, дастрасии онҳо ба қарзҳои камфоизи дарозмӯҳлат, истифодаи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботдиҳии молиявӣ, маҳдудияти барқ, баланд будани фоизи қарзҳо.

# БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Солимии аҳолӣ

***Саломатии модар ва кӯдак.*** Саломатии аҳолӣ самти муҳими соҳаи иҷтимоии ноҳияи Фархор ба ҳисоб рафта, ҳадафи асосии он таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии хушсифати тиббӣ ба шумор меравад. То 1 январи соли 2015 дар ноҳия 35720 нафар занони қобили таваллуд ба қайд гирифта шудаанд.

*Маълумот оиди шумораи таваллуд дар хона ва муассисаҳои тиббӣ*

| Нишондод | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ таваллуд | 4425 | 4972 | 5493 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 3737 | 4200 | 5121 |
| Бо фоиз | 84,4 | 84,4 | 93,2 |
| Таваллуд дар хона | 688 | 772 | 372 |
| Бо фоиз | 15,5 | 15,6 | 6,8 |
| Мурини модарон (барои 100 ҳаз. зинда таваллуд) | 22,5 | 40,2 | - |

Мувофиқи таҳлилҳои гузаронидашуда маълум шуд, ки дар солҳои охир нишондиҳандаҳои солимии модарон дар ҳолати номусоид қарор дорад. Тибқи маълумотҳои оморӣ дар соли 2014 мурини модарон ба қайд гирифта нашудааст. Новобаста ба ин ҳоло ҳам дар ноҳия баланд будани бемориҳои экстрагенеталӣ (аз ҷумла бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар ва ғ.), сари вақт муроҷиат накардани занҳои қобили таваллуд ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ ба муассисаҳои тиббӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, дастраси набудани занон ба маводи пешгирикунандаи ҳамл ва сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва банақшагирии оила ба мушоҳиад мерасад.

*Гирифтории занҳои таваллудкарда*
*ба бемориҳои камхунӣ ва ҷоғар*

| Нишондод | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои таваллуд карда | 4425 | 4972 | 5493 |
| Камхунӣ | 1153 | 960 | 562 |
| Дар фоиз | 26% | 19,3 | 10,2 |
| Касалиҳои ҷоғар | 88 | 90 | 80 |
| Дар фоиз | 1,9 | 1,8 | 1,4 |

Дар ноҳия ба маротиб коҳиш ёфтани гирифтории занҳо ба касалиҳои камхунӣ мушоҳида шавад ҳам, мутахассисони маҳаллӣ ба он ақидаанд, ки фаъолияти муассисаҳои тиббиро дар мавриди мубориза бар зидди бемории мазкур боз ҳам вусъат бахшидан ба мақсад мувофиқ аст. Дар бештари ҳолатҳо бемориҳои камхунӣ бо бемориҳои ҷоғар ва гурда ҳамрадиф меоянд, ки хатари бо оризаи ҳомиладорӣ ва дар баъзе ҳолатҳо ба оқибатҳои вазнин оварда мерасонад (фавти модар ва кӯдак).

*Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ*
*ва хона, сатҳи фавти кӯдак дар солҳои 2012-2014*

| Нишондод | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Фавти кӯдак то 5 сола барои шумора ва 100 з/т | 114 | 126 | 142 |
| Тағйирот дар % | 1,9% | 1,2 | 1,7 |
| Фавти кӯдак то 1 сола шумора ва 100 з/т | 83 | 88 | 107 |
| Тағйирот дар % | 1,3 | 1,3 | 1,3 |

Мувофиқи маълумотҳои омории тиббӣ дар солҳои охир афзоиши фавти кӯдакони то 1 сола ва то 5 сола мушоҳида мешавад, ки сабабҳои онҳо асосан гирифтории кӯдакон

ба бемориҳои шадиди роҳи нафас ва дарунрав мебошад. Мувофиқи пешниҳоди мутахассисони маҳаллӣ барои ҳалли масъала паст намудани фавти кӯдакон доруворие, ки аз тарафи маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона таъмин карда мешавад, талаботи мавҷударо ба пуррагӣ қонеъ гардонда наметавонанд. Маркази эмкунии ноҳия дар соли 2014 ба пуррагӣ бо зардобаҳои эмгузаронӣ таъмин шуд. Дар ин сол 96% кӯдакон ба эмгузаронӣ фаро гирифта шуданд.

Сабабҳои асосии фавти кӯдакони то яксола ва то 0-5 сола аз омилҳои зерин иборат мебошад:

- баланд будани нишондоди фавти перенаталӣ (06 рӯза) бинобар ғайриқаноатбахш будани солимии занҳои ҳомила,
- баланд будани бемориҳои роҳи нафас (ҳар чанде, ки дар ин самт фаъолияти марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ва эмкуни дуруст ба роҳ монда шуда бошад ҳам (марказҳои мазкур ба доруворихо ва маводҳои эмкунанда аҳолиро сари вақт пурра таъмин менамоянд), бинобар сабаби паст будани маърифатнокии модарон ва шароити номусоиди иқтисодии оилаҳои дурдасти кӯҳӣ афзоиши бемориҳои шадиди роҳи нафас афзуда истодааст,
- фаъолияти номусоди муассисаҳои КАТС аз сабаби нарасидани маблағ, нақлиёт, мутахассисон ва фарсуда ва корношоям будани таҷҳизоти тиббӣ ва биноҳои тиббӣ,
- баланд будани бемориҳои радифӣ, аз ҷумла камғизогӣ, рахит, нуқсонҳои модарзодӣ, камхунӣ ва ғайраҳо. Модарони ҷавон ба реҷаи ғизо ва ғизонокии хӯрока кам аҳамият медиҳанд.

***Бемориҳои сироятӣ.*** Ҳолати санитариву эпидемиологии ноҳия дар солҳои охир дар сатҳи паст қарор дорад.

*Тамоюлҳои бемориҳои сироятӣ дар солҳои 2012-2014*

| Бемориҳои сироятӣ | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|
| Бемории сил | 137 | 125 | 124 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 112 | 84,7 | 86,6 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | 130 | 179 | 156 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 91,0 | 125,3 | 109,2 |
| Исҳоли хунин (Дизентерия) | 14 | 12 | 11 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 9,8 | 8,4 | 7,7 |
| Сироятҳои шадиди рӯдаву меъда | 591 | 509 | 522 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 567,9 | 356,6 | 364,7 |
| Гелҳментоз | 806 | 620 | 470 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 575,5 | 42,1 | 317 |
| Бруцелёз | 4,2 | 3 | - |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | | 2,1 | |
| Зардчаи А, Б | 46,9 | 161 | - |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | | 111,9 | |
| Ҳамагӣ аҳолӣ | 14000 | 144641 | 148000 |

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки солҳои охир нишондиҳандаҳои гирифтории аҳолӣ ба бемориҳои сил афзуда истодааст, ки сабаби асосии он баланд будани сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ, сари вақт дарёфт намудани беморон, камбизоатӣ, паст будани маълумотнокии аҳолӣ доир ба пешгирии бемори ва ғайраҳо баҳисоб меравანд. Мутахассисони маҳаллӣ дар ақидаи онанд, ки дар ҳолати ба пуррагӣ фаро гирифтани ташхиси аҳолии ба бемории сил мубталогашта, нишондодҳо ба маротиб баланд хоҳанд шуд. Барои самаранок бартараф намудани зуҳуроти мазкур омилҳои зерин таъсири манфӣ мерасонанд, аз ҷумла: набудани туберкулин, таҷҳизоти флюрография ва ғайраҳо. Паст будани сифати оби нӯшокӣ ва ҳолати номусоиди санитариву эпидемиологӣ дар солҳои охир ба афзоиши бемориҳои шадиди рӯдаву меъда, гелментоз, исқоли хунин оварда расонидаст. Қобили зикр аст, ки дар солҳои охир тамоюли афзоиши бемории

ВИЧ/СПИД (16 нафар ба қайд гирифта шудааст аз он 4 нафар фавтида) ва сироятҳои тавассути алоқаи ҷинси интиқолёбанда ба назар мерасад, ки сабаби асосии он гирифтории ҷавонон ба нашъамандӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва паст будани маълумотнокии аҳолӣ доир ба пешгирии бемории мазкур ба шумор меравад.

***Бемориҳои ғайрисироятӣ.*** Дар ноҳияи Фархор касалиҳои дилу раг, фишорбаландӣ, захми меъда, газаки меъда, газаки шадиди шушҳо, газаки гурда, бемориҳои ғадуди дарунӣ, камхунӣ кормандони тиббро ба ташвиш овардааст. Сабаби афзоиши бемориҳои мазкур ба паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳои мазкур, тарзи ҳаёти солим, саривақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, камбизоатӣ, баланд будани арзиши доруворији хушсифат ба шумор меравад. Сабаби дигари он фаъолияти номусоиди хадамоти ёрии таъҷилӣ бинобар маҳдудияти маблағ, набудани алоқаи устувор бо деҳаҳои дурдаст, норасоии автомобилҳои ёрии таъҷилӣ, гаронарзиши сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, маҳдудияти барқ ба шумор меравад.

***Сохтори соҳаи тандурустӣ.*** Низоми тандурустии ноҳияи Фархор аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат мебошад.

*Муассисаҳои тиббии ноҳияи Фархор*

| | |
|---|---|
| Сохтори шабакаҳои КАТС | Ҷамъ: 50 -муассисаҳои КАТС |
| | 1 -Маркази саломатии ноҳиявӣ |
| | 26- Марказҳои саломатии деҳот |
| | 23 -Бунгоҳҳои тиббӣ |
| Хадамоти бистарикунонӣ | Ҷамъ: 9 муассисаҳои ХБ (646 кат) |
| | 1- Беморхонаи марказӣ (331 кат) |
| | 1-Беморхонаҳои минтақавӣ (20 кат) ихтисор карда шуд |
| | 5- Беморхонаи рақами (135 кат) 1 тоаш ихтисор карда шуд |
| | 1-Беморхонаи касалиҳои сил (100 кат) 70ката ихтисор карда шуд |
| | 1-Маркази байниноҳиявии барқароркунии саломати (60 кат) |
| Марказҳои тиббии махсусгардонидашуда | Марказҳои махсусгардонидашуда ҷамъ-9 адад |
| | 1- Назоратгоҳи бемори сил |
| | 1-Назоратгоҳи бемориҳои зуҳуриявӣ |
| | 1-Маркази репродуктивии занон |
| | 1.Маркази тарзи ҳаёти солим |
| | 1-Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакон |
| | 1-Маркази СПИД ва бемориҳои бо алоқаи ҷинси гузаранда |
| | 1.-Маркази эмтаъминкунӣ |
| | 1- Маркази зиди бемории сил |
| | 1- Маркази зиди бемориҳои тропики |
| | 1- Маркази безараргардони |
| Хадамоти давлатии назорати санитарию-эпидемиологӣ | 1-адад |

Чи тавре, ки аз таҳлилҳо бар меояд, барои боз ҳам беҳтар гардонидани сифат ва хизматрасонии тиббӣ ҳалли як қатор мушкилотҳои инфрасохтори монеагӣ менамоянд, аз ҷумла: набудани, автоклави мутамарказонидашуда БМН, шуъбаи ҷарроҳии кӯдакона, шӯъбаи касалиҳои кӯдакона ,шӯъбаи бемориҳои қалб, норасоии маблағ барои гузаронидани таъмири асосии БМН ва беморхонаҳои рақами, набудани маблағ барои сохтмони бунгоҳҳои тиббӣ, ки дар вагончаҳо қарор доранд ва фаъолият менамоянд (аз ҷумла: «1-Май», «Комсомол», «Давлатобод», «Муродбахш», «Ваҳдат», «Пингони» ва ғайраҳо), таъмирталаб будани қисми зиёди марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ, пайваст набудани бештари муассисаҳои тиббӣ ба хатҳои оби нӯшокӣ, набудан ва ё фарсуда будани системаи гармидиҳии беморхонаҳои минтақавӣ ва рақамӣ, норасоии таҷҳизот, доруворӣ, маҳдудияти қувваи барқ ва баланд шудани арзиши сӯзишворӣ.

Дар солҳои охир системаи тандурустии ноҳия мувофиқи ислоҳоти системаи идоракунии соҳа мавриди азнавсозӣ қарор гирифта, сохтори он тағйирёфтааст.

*Сатҳи маълумотнокии кормандони муассисаҳои тиббии ноҳияи Фархор дар соли 2014*

| Муассисаҳои тиббӣ | Шумораи кормандон | Маълумоти миёнаи махсус | Маълумоти олӣ |
|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 715 | 462 | 98 |
| Бо (%) ифодашуда | 100% | 58% | 14% |
| Хадамоти бистарӣ | 523 | 263 | 63 |
| Бо (%) ифодашуда | 100% | 40,3% | 13,3% |

Таҳлилҳо собит месозанд, ки ҳамаи муассисаҳои тиббӣ пурра бо кормандон таъмин мебошанд. Дар соли 2014 маоши миёнаи кормаднони соҳаи тандурустӣ 167 сомониро ташкил дод.

Мувофиқи равандҳои нави ислоҳоти тандурустӣ ва татбиқи самараноки «Стратегияи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» омода намудани мутахассисони соҳаи идора, маблағгузории тандурустӣ дар заминаи Институти такмили ихтисоси кормандони тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад.

**Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани солимии аҳолӣ**. Дар ноҳияи Фархор дар ҳалли мушкилотҳои солимии аҳолӣ, иштироки ҷомеа на онқадар дуруст ба роҳ монда шудааст. Дар масъалҳои тарзи ҳаёти солим, маълумотнокии аҳолӣ оид ба пешгирии бемориҳои иҷтимои муҳим сатҳи паст қарор дорад.

### 3.2. Маориф

Соҳаи маориф яке аз муҳимтарин соҳаҳои иҷтимоии ноҳияи Фархор ба шумор рафта, ҳадафи асосии он беҳтар гардонидани сатҳи фарогирии хонандагон ба муассисаҳои таълимии ноҳия ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия мебошад.

*Сатҳи маълумотнокии аҳолии ноҳияи Фархор дар солҳои 2012-2014 (нафар)*

| Сол | 2012 | | 2014 | |
|---|---|---|---|---|
| Дараҷаи маълумотнокӣ | Ҳамагӣ | аз ҷумла занон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла занон |
| Олӣ | 1262 | 398 | 1226 | 368 |
| Олии нопурра | 91 | 48 | 74 | 42 |
| Миёнаи махсус | 367 | 262 | 365 | 313 |
| Миёнаи асосӣ | 56 | 39 | 43 | 28 |
| Ғоибона | 46 | 35 | 38 | 23 |

***Маълумоти томактабӣ***. Дар ноҳияи Фархор шумораи кӯдакони синну соли томактабӣ зиёда аз 20 ҳазор нафарро тишкил дода, танҳо 1 фоизи он ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта шудаанду халос. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар ноҳия ҳамагӣ як боғчаи бачагонаи №1 бо номи “Шарора” фаъолият менамояд, ки дар он 180 нафар кӯдакон (аз ҷумла, 79 нафар духтар) ба тарбия фаро гирифта шудаанд. Шумораи кормандони боғчаи номбурда зиёдааз 20 нафарро ташкил менамояд, ки аз он 17 нафар занҳо мебошанд. Аз шумораи умумии кормандон 8 нафар дорои маълумоти олӣ ва 4 нафари дигар дорои маълумоти олии нопурра мебошанд. Боғча бо хати оби нӯшокии шаҳрак пайваст бошад ҳам, аммо аз норасогии барқи доимӣ танқисӣ мекашад. Дар муаасисаи мазкур талаботҳои қоидаи бехатарии сӯхтор риоя карда мешавад. Бо назардошти афзоиши аҳолӣ талабот ба хизматрасониҳои муассисаҳои томактабӣ низ, афзуда истодааст. Нарасидани хуҷраҳо, катҳои хоб ва мизу курсиҳо проблемаҳои асосии ин соҳа ба шумор меравáнд. Дар деҳот муассисаҳои томактабӣ умуман вуҷуд

надоранд, ҳарчанд дар давраи собиқ шӯравӣ дар ноҳия зиёда аз 40 муассисаи томактабӣ вуҷуд дошт, вале имрӯз норасоии муассисаҳои томактабӣ мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки дар назди мактаҳои ноҳия 55 Марказҳои инкишофи кӯдакон ё худ гурӯҳи омодагӣ ба мактаб ташкил карда шудааст.

*Шумораи ҷойҳои нишаст дар муассисаҳои томактабии ноҳияи Фархор дар солҳои 2012-2014*

| Муассисаиҳои томактабӣ | 2012 | | | 2013 | | | 2014 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ тарбиятгар | Писарон | Духтарон | Ҳамагӣ тарбиятгар | Писарон | Духтарон | Ҳамагӣ тарбиятгар | Писарон | Духтарон |
| Боғчаи №1 | 180 | 112 | 68 | 180 | 98 | 82 | 180 | 101 | 79 |

***Маълумоти мактабӣ.*** Аз рӯи маълумотҳои оморӣ дар ноҳияи Фархор миқдори умумии мактабҳо 67 адад буда, аз он 14 адад мактабҳои ибтидоӣ, 1 адад мактаби асосӣ, 50 адад мактабҳои миёна ва 2 адад литсей амал намуда истодаанд.

*Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Фархор дар солҳои 2012-2014*

| Соли хониш | 2011-2012 | | | | 2012-2013 | | | | 2013-2014. | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Синфҳо | Ҳамагӣ хонандагон | Писарон | Духтарон | %Духтарон к | Ҳамагӣ хонандагон | Писарон | Духтарон | %Духтак | Ҳамагӣ хонандагон | Писарон | Духтарон | %Духта к |
| 1-4 | 13169 | 6873 | 6296 | 47,8 | 12786 | 6591 | 6195 | 48,4 | 12649 | 6514 | 6135 | 48,5 |
| 5-9 | 17359 | 9212 | 8147 | 46,9 | 16813 | 8925 | 7888 | 46,9 | 16449 | 8572 | 7877 | 47,8 |
| 10-11 | 4690 | 2753 | 1937 | 41,3 | 4892 | 2665 | 2227 | 45,5 | 4838 | 2788 | 2050 | 42,3 |
| Ҷамъ: | 35218 | 18838 | 16380 | 46,51 | 34491 | 18181 | 16310 | 47,2 | 33519 | 17874 | 15860 | 47,3 |

Дар ноҳия сатҳи зиёдшавии хонандагон ба назар мерасад, ки сабаби он афзоиши таваллуд дар солҳои қаблӣ ба шумор меравад. Ҳамаи мактабҳои ноҳия таҳсилро дар ду баст фаро гирифта бошанд ҳам, мутаассифона, дар мактабҳои №2, №3, №30, №35, №38, №39, №51, №55 ҷамъ 69 нафар дар басти сеюм дарс мехонанд. Дар ноҳия дар баробари афзоиши шумораи хонандагон камшавии фоизи ҷалби духтарон таи солҳои охир ба назар мерасад, ки сабаби асосии он муҳоҷирати дохилии волидайн, пас аз хатми синфи 9 ба муаассисаҳои махсусӣ касбӣ дохил шудани хонандагон, ва бад будани шароити оилавии хонандагон мебошад.

Дар натиҷаи истифодаи дарозмӯҳлат ва надоштани таъмири асосӣ аксари биноҳои мактабҳо ва синфхонаҳо дар ҳолати садамавӣ қарор доранд, аз ҷумла мактабҳои №8, 11, 14, №21, №22, №46. Ба сабаби набудани мутахассисон ва маводи таълимӣ бештари хонандагони синфҳои ӯзбекӣ ба синфҳои тоҷикӣ гузашта истодаанд ва ин талабот рӯз аз рӯз зиёд шуда истодааст, аз ин хотир айни замон зарур аст, ки бештари мактабҳои таълимашон бо забонҳои ӯзбекӣ ба тоҷикӣ гузаронида шаванд.

Иловатан барои таъмини сифати таълим дар ноҳия эҳтиёҷ ба сохтани синфхонаҳои иловагӣ вуҷуд дорад, аз ҷумла дар назди мактабҳои №2, №3, №6, №8, №11, №13, №14, №15, №18, №19, №21, №22, №26, 27, №28, 30, №32, №34, №35, №36, №37,№39, №41, №42, №45, №46, №47, №51, №54, №55, №58, №62. №64-и н. Фархор. Дар н. Фархор дар назди 16 муассисаи таълимӣ толорҳои варзишӣ мавҷуд буда 8 тои он ба гузаронидани таъмири асосӣ ниёз доранд. Дар 51 муассисаи таълимии ноҳия толорҳои варзиши умуман вуҷуд надоранд.

*Шумораи умумии омӯзгорон дар ноҳияи Фархор*
*дар солҳои таҳсили 2007-2014 (нафар)*

| Соли хониш | 2011 – 2012 | 2012 – 2013 | 2013 – 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи умумӣ | 1791 | 1776 | 1708 |
| аз он ҷумла занон | 749 | 747 | 751 |
| Бо маълумоти олӣ | 1271 | 1262 | 1226 |
| аз он ҷумла занон | 400 | 398 | 368 |
| Бо маълумоти олии нопурра | 87 | 91 | 74 |
| аз он ҷумла занон | 48 | 48 | 42 |
| Бо маълумоти миёнаи махсус | 373 | 367 | 365 |
| аз он ҷумла занон | 242 | 262 | 313 |
| Бо маълумоти умумии миёна | 60 | 56 | 43 |
| аз он ҷумла занон | 39 | 39 | 28 |
| Ғоибона мехонанд | 46 | 46 | 38 |
| аз он ҷумла занон | 20 | 35 | 23 |
| Норасоии кадрҳо(ҷои холии кор) | 63 | 21 | 28 |

Аксарияти муассисаҳои таълимии ноҳия ба муаллимони ихтисосманди фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, риёзӣ, физика, биология, химия, забони русӣ, забонҳои хориҷӣ ва асосҳои техникаи компютерӣ ниёз доранд. Дар асоси барномаи компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба ҳолати 1.01.15. дар тавозуни муассисаҳои таълимии ноҳия 1031 компютер мавҷуд аст, ки 104,8 фоизро ташкил медиҳад.

*Синфҳо ва теъдоди хонандагон дар ноҳия*

| Синфи | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Синфҳо | 148 | 155 | 131 | 147 | 144 | 135 | 133 | 126 | 146 | 123 | 94 | 1482 |
| Хонанда | 3011 | 3278 | 2900 | 3100 | 3287 | 3203 | 3166 | 3003 | 3462 | 3016 | 2093 | 33519 |

Дар баъзе муассисаҳои таълимии ноҳия аз рӯи фанҳои таълимӣ норасоии китобҳои фаннӣ ба назар мерасад. Инчунин, дар мактабҳо таҷҳизоти синфхонаҳо кӯҳнаву фарсуда гашта, норасогии он дар ҷадвали зерин нишон дода мешавад:

*Норасогии таҷҳизоти мактабӣ*
*дар ноҳияи Фархор ба ҳолати 01.01.2015*

| Таҷҳизоти мактабӣ | Миз | Курсӣ | Тахтаи синф | Ҷевон |
|---|---|---|---|---|
| Шумора, адад | 52 | 104 | 217 | 194 |

Бояд қайд намуд, ки фарогирии хонандагон ба муассисаҳои таълимии ноҳия дар соли 2014-ум 98%-ро ташкил намуд, давомоти хонандагон ба дарсҳо дар соли 2014-ум 97%-ро ташкил кард.

Гузаштан ба системаи нави маблағгузории соҳа, яъне маблағгузории сарикасӣ бо мақсади таъминоти нисбатан самарабахши истифодаи маблағҳои буҷавӣ ва фароҳам овардани шароити устувори фаъолиятҳои муассисаҳои таълимоти умумӣ ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи насли наврас равона шудааст. Айни замон мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия 100% ба маблағгузории сарикасӣ гузаштаанд.

Мушкилиҳо ва камбудиҳои асосии ин соҳа, аз қабили нокифоя будани баъзе китобҳои дарсӣ, мизу курсиҳо барои омӯзгорон ва маводи методию аёнӣ боз ҳам дучанд гардидааст. Сифати таълиму тарбия, дониш ва малакаю маҳорати хонандагону донишҷӯён ба талобот ҷавобгӯ нест. Дигар тарафи мушкилот ин дурии роҳи мактабҳои ибтидоии байни деҳаҳо то мактаби миёна мебошад. Барои бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълиму тарбия корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан ба маврид аст.

***Маълумоти миёнаи касбӣ ва олӣ.*** Дар соли 2014-ум 2041 нафар маълумоти миёнаи умумӣ гирифтанд, аз онҳо 761 нафарашон духтарҳо мебошанд. Дар соли 2014 аз теъдоди умумии хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия 458 нафар ба донишгоҳҳои олӣ ва миёнаи махсуси касбӣ дохил шуданд, аз он ҷумла 48 нафар духтарон.

Гурӯҳи мақсадноки омӯзишгоҳи тиббии ноҳияи Фархор соли 2007 мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, аз соли 2012 қабули донишҷӯёнро оғоз намуд. Омӯзишгоҳ филиали омӯзишгоҳи ноҳияи Данғара буда, дар он 25 нафар муаллимон ва 4 нафар муааллима ба шогирдон дарс меомӯзанд. Аз 24 нафар мардон 20 нафарашон дорои маълумоти олӣ ва 4 нафарашон бо маълумоти миёнаи махсус дарс мегӯянд.

Шумораи умумии донишҷӯён дар ин даргоҳи ҳунар дар солҳои 2012-2014-ум 144 нафарро ташкил намуда, аз ин миқдор 6 нафар писар ва 138 нафари дигарро духтарон ташкил менамуд. Сол аз сол шумораи донишҷӯён ба ин омӯзишгоҳ зиёд шуда истодааст, мутаассифона, камбудию норасоиҳо хело зиёд аст. Нарасидани мизу курсиҳо, китобҳои дарсӣ, асбобҳои аёнӣ, набудани 6 адад синфхонаҳо, синфхонаи лобараторӣ, набудани компютерҳо, нарасидани оби ошомиданӣ ва набудани системаи ягонаи гармидиҳӣ мушкилоти филиали тиббии ноҳияро хело зиёд намудааст. Бинои омӯзишгоҳи тиббӣ қисман фарсуда буда, барои дар оянда ташкил ва бунёди сохтмони нави омӯзишгоҳи тиббӣ зарурат дорад.

### 3.3. Ҳифзи иҷтимоӣ

Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ яке аз самтҳои асосии рушди ноҳияи Фархор ба шумор рафта, аз таъмини шуғли аҳолӣ, таъминоти нафақа, кӯмаку ҷубронҳои молиявии табақаҳои осебпасири аҳолӣ, хизматрасонии сӯроғавии иҷтимоӣ ва ғайраҳо иборат мебошад.

***Шугли аҳолӣ.*** Дар ноҳия ба масоили шуғли аҳолӣ шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Фархор машғул буда дар он 7 нафар фаъолият менамоянд (аз ҷумла 4 хизматчиёни давлатӣ ва 3 нафар кормандони техникии ёрирасон). Таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ имрӯз дар ноҳияи Фархор яке аз проблемаи муҳим ба шумор меравад. Айни замон теъдоди бекорон тақрибан 33,2% аҳолии қобили меҳнатро ташкил менамоянд.

*Сатҳи бекорӣ дар ноҳияи Фархор дар солҳои 2012-2014*

| Нишондод | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| Аҳолии қобили меҳнат (ҳазор нафар) | 48299 | 48763 | 48016 |
| Бекорон (расман ба қайд гирифта шуда) | 642 | 813 | 1084 |

Барои бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар доираи татбиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2014-2015 шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳия Фархор фаъолият менамояд. Бо мақсади ташкили ҷойҳои корӣ аз тарафи ташкилоти мазкур ба бекорон барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ қарзҳои имтиёзнок пешниҳод карда мешавад, ки дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

*Қарзҳои бефоизе, ки аз ҷониби маркази шугли аҳолии ноҳия дар солҳои 2012-2014 ба бекорон дода шудааст (сомонӣ)*

| | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| Шумораи қарзгирифтагон | 33 | 35 | 46 |
| Ҳамагӣ маблағи қарз | 108300 | 123100 | 158200 |

Дар солҳои охир ҳаҷми қарзҳои ба бекорон додашуда афзуда бошад ҳам, талаботи мавҷударо ба пурраги таъмин карда наметавонад.

Дар соли 2014 дар ноҳия ҳамагӣ 3472 ҷойҳои нави кории доимӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ таъсис шудааст. Аз ҷониби шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ 424 нафар бекорон бо ҷойҳои корӣ доимӣ таъмин шудаанд. Агентии мазкур инчунин дар доираи фаъолияти хеш 253 нафар бекоронро дар соли 2014 ба касбомӯзӣ ҷалб намуда, 61 нафари онҳоро ба корҳои ҷамиятӣ сафарбар намудааст. Ба пешравиҳо нигоҳ накарда барои боз ҳам пурзӯр намудани фаъолият омилҳое мавҷуд мебошанд, ки ба самаранокии фаъолияти ташкилот монеагӣ менамоянд, аз ҷумла:

- нокифоя будани андозаи музди меҳнати кормандони соҳа;
- сатҳи пасти ҳавасмандсозии кормандон;
- норасоии мизу курси ва ҷевонҳо;
- нокифоя будани маблағҳои қарзӣ.

*Ҳиссаи шахсони бо ҷои кор таъмин мувофиқи соҳаҳо ба ҳолати 1.01.2015*




*Музди меҳнат дар ноҳияи Фархор дар буриши соҳаҳо ба ҳолати 1.01.2015*

| Соҳа | Музди миёнаи моҳонаи 1 коргар, сомонӣ | |
|---|---|---|
| | Соли 2013 | Соли 2014 |
| Кишоварзӣ | 179,9 | 226,94 |
| Хоҷагии ҷангал | 365,2 | 470 |
| Саноат | 433,4 | 484,12 |
| Нақлиёт | 383,6 | 442,97 |
| Алоқа | 453,1 | 726,81 |
| Сохтмон | 493,6 | 516,46 |
| Савдо | 321,8 | 344,92 |
| Муассисаи манзилию коммуналӣ | 324,03 | 350,74 |
| Бонк | 1237,7 | 1252,40 |
| Идоракунии маҳаллӣ | 565,7 | 657,13 |
| Маориф | 564,6 | 667,63 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 504,2 | 621,93 |
| Шуғли аҳолӣ | 862,4 | 909,88 |
| Фарҳанг | 519,4 | 619,85 |

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар ноҳия 45,8 ҳазор нафар бо кор машғул буда, аз он шумораи шахсони бо кори кироя таъминбуда дар соли 2014-ум 8400 нафарро (аз он ҷумла занҳо 6100 нафар) ташкил намуд. Дар пешниҳоди ҷойҳои корӣ нақши соҳаи кишоварзӣ, маориф назаррас мебошад. Дар ноҳия музди миёна дар сатҳи 143сомонӣ ба қайд гирифта шудааст. Бояд қайд намуд, музди миёна дар буриши соҳаҳо на онқадар фарқи калон дорад. Музди меҳнати пешниҳодшаванда хароҷоти сабати истеъмолии ба як нафар пешбинишударо ба пуррагӣ фаро гирифта наметавонад. Паст будани музди маош ба паст шудани ҳавасмандии коргарон ва ба иваз намудани фаъолият (муҳоҷирати меҳнатӣ, соҳибкорӣ) ва ё дар як чанд ҷойҳои корӣ фаъолият намудани онҳо сабаб шуда истодааст.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ.*** Муҳоҷирати меҳнатӣ дар ноҳия дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ ва ғанӣ намудани буҷети оилавии аҳолӣ нақши аввалиндараҷаро мебозад.

*Муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнати*
*ноҳияи Фархор дар солҳои 2012-2014*

| Сол | Аҳолии қобили меҳнат, нафар | Муҳоҷирони меҳнатӣ (аз ҷумла занон) | % аз аҳолии қобили меҳнат |
|---|---|---|---|
| 2012 | 48299 | 9909 (201) | 20,51% |
| 2013 | 48763 | 9212 (191) | 18,89% |
| 2014 | 48016 | 8250 (204) | 17,18% |

Сабаби асосии коҳиши теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2014 - мамнуъ гардидани вуруди аксари муҳоҷирон бо назардошти аз ҷониби онҳо вайрон намудани талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Федератсияи Руссия, ворид ва ҷорӣ гаштани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории соҳаи меҳнати Федератсияи Руссия (аз ҷумла ҷорӣ гаштани низоми патент ва шаҳодатномаи ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ), гарон шудани нархи хизматрасониҳои вобаста ба муҳоҷирати хориҷӣ ва дохилӣ дар кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва сатҳи пасти донишҳои ҳуқуқии муҳоҷирон мебошад.

***Тарафҳои мусбии муҳоҷирати меҳнатӣ:***

- ✓ Ворид шудани маблағҳо;
- ✓ Беҳтар шудани ҳолатиичтимоӣ ва зисту зиндагонии аҳолӣ;
- ✓ Баланд шудани малакаи муҳоҷирон дар масъалаҳои сохтмон, савдо ва ғайра;
- ✓ Весеъ шудани ҷаҳонбинӣ;
- ✓ Омӯзиши забонҳо.

***Тарафҳои манфии муҳоҷирати меҳнатӣ:***

- ✓ Кори вазнин сабаби бад шудани саломатии муҳоҷирони меҳнатӣ шуда истодааст;
- ✓ Интиқоли бемориҳои сироятӣ;
- ✓ Вайрон шудани оилаҳо;
- ✓ Аз кор рафтани мутахассисони баландихтисос;
- ✓ Траффик.

**Проблемаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ**. Паст будани дониш ва малакаи муҳоҷирон дар масъалаҳои ҳуқуқӣ, забони русӣ, паст будани иттилоотнокии онҳо доир ба пешгири намудани бемориҳои иҷтимоии муҳим, сатҳи пасти тахассусии касбии онҳо ва ғайраҳо.

*Воридоти маблағ аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатии*
*ноҳияи Фархор дар ҳолати 1.01.2015*

| Сол | Доллари ИМА | Евро | Рубли русӣ |
|---|---|---|---|
| 2012 | 34.672.268 | 53.523 | 93.427.792 |
| 2013 | 23.622.858 | 33.344 | 185.873.840 |
| 2014 | 23.618.908 | 30.770 | 392.186.194 |
| Ҷамъ | 81.914.034 | 117.637 | 671.487.826 |

***Таъминоти нафақа ва ҳифзи иҷтимоӣ.*** Дар самти ҳифзи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа дар ноҳияи Фархор раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа фаъолият менамояд. Шумораи кормандони раёсат 10 нафарро ташкил дода, аз он 1 нафар зан мебошад. Аз шумораи умуми кормандон 10 нафар дорои маълумоти олӣ мебошад. Музди миёнаи кормандони раёсат дар моҳи январи соли 2015-ум 592,81 сомониро ташкил намуд. Қобили зикр аст, ки талаботи нафақа дар як моҳ ба ҳисоби миёна 2313665,44 сомониро ташкил медиҳад, ки 44 % он аз ҳисоби маблағҳои ҷамъовардашудаи андози иҷтимоии ноҳия ва 56%-и он аз ҳисоби маблағҳои муттамарказонидашудаи ҷумҳуриявӣ пардохта мешавад.

Мувофиқи маълумоти раёсат, шумораи нафақахӯрон дар моҳи январи соли 2015-ум 11454 нафарро ташкил намуд, ки 5 % (593 нафар) онҳо бинобар паст будани ҳаҷми нафақа, фаъолияти кории худро давом медиҳанд. Ҳисоби миёнаи нафақа дар ноҳия 202,00 сомониро ташкил менамояд.

Инчунин, аз буҷети ноҳия барои дастгирии кӯдакони аз оилаҳои камбизоат кӯмакпулиҳо ва ба шахсони дар садамаи Чернобл осебдида, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, собиқадорони меҳнат ва маъюбони модарзод ва ғайраҳо кӯмакпулиҳои яквақта пардохта мешавад.

***Ҳайати нафақахӯрони ноҳияи Фархор***

- Нафақахӯрони пиронсол- 7106 нафар;
- Нафақахӯрони хизмати дарозмуддат - 29 нафар;
- Нафақахӯрони шахсии моҳияти ҷумҳуриявидошта - 24 нафар;
- Нафақахӯрони шахсии моҳияти ноҳиявидошта - 2 нафар;
- Нафақаи иҷтимоӣ - 235 нафар;
- Нафақахӯрони бесарубонмонда - 1089 нафар;
- Маъюбони ҶБВ - 18 нафар;
- Иштирокчиёни ҶБВ - 8 нафар;
- Оилаҳои бесаробонмондаи маъюбони ҶБВ - 46 нафар;
- Маъюбони ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон - 29 нафар;
- Оилаҳои бесарубонмондаи ҷанги шаҳрвандӣ -7 нафар;
- Маъюбони ҷанги Афғонистон- 5 нафар;
- Маъюбони ҳодисаи Чернобл - 31 нафар;
- Маъюбони артиши собиқ Шуравӣ- 17 нафар;
- Маъюбони касалиҳои умумӣ - 1447 нафар;
- Маъюбони истеҳсолот - 29 нафар;
- Маъюбони кӯдаки то 18 сола - 568 нафар;
- Маъюбони овони кӯдакӣ - 764 нафар.

**Мушкилоти соҳа:** надоштани бинои раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, фарсуда будани мизу курсиҳо, норасоии таҷҳизоти компютерӣ ва пайвастшавӣ ба шабакаи интернет, набудани кондитсионерҳо, паст будани маоши кормандон, сари вақт пардохт нашудани нафақа ва ғайраҳо.

***Кӯмаки сурогавии иҷтимоӣ.*** Муассисаи давлатии «Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона» -и ноҳия ба аҳолӣ ва махсусан барои шахсони эҳтиёҷманди яккаву танҳои пиронсол, ки дар шароити душвори зиндагӣ қарор доранд хизматрасонии иҷтимоии суроғавӣ пешкаш менамояд. Дар маркази мазкур дар соли 2014,12 нафар кормандон фаъолият мекарданд, аз ҷумла 8 нафар занҳо. Аз шумораи умумии кормандони марказ 1 нафар дорои маълумоти олӣ, 3 нафар миёнаи махсус (1 нафар маълумоти тиббӣ) ва боқимонда маълумоти миёна мебошанд.

Андозаи миёнаи музди меҳнати кормандони марказ 771,2 сомониро ташкил менамояд. Мувофиқимаълумотҳои расмӣ дар марказ 116 нафар пирони барҷомондаи яккаву танҳо, маъюбон ва камбизоатҳо ба қайд гирифта шудаанд. Кормандони марказ дар як ҳафта 2-3 маротиба ба пиронсолон дар корҳои хоҷагии онҳо, таъмири ҷузъии хонаҳои ниёзмандон, хариди маводи хӯрока ва доруворӣ ва тайёр намудани хӯрок кӯмак мерасонанд. Барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо соли 2015 дар мавзеи Мухоби ҷамоати деҳоти Ғалаба дар масоҳати 4 гектар замин хоҷагии ёрирасон ташкил карда шуд, ки дар он помидор, бодиринг, харбуза, тарбуз ва дигар зироатҳои полезӣ барои шахсони яккаву танҳо ва ниёзманд парвариш карда мешавад.

*Маъюбони ба қайд гирифташуда*
*аз рӯи категорияҳо ба ҳолати 1.01.2015 с.*

| Аз рӯи категорияҳо | Шумора | Таъминот бо воситаҳои ёрирасон |
|---|---|---|
| Маъюбони гурӯҳи 1 ва 2 | 9 | Аробачаи маъюбӣ |
| Маъюбони гурӯҳи 1, 2 ва 3 | 21 | Асобағал, асо |
| Маъюбони гурӯҳи 2 ва 3 | 43 | Асои хурд |

Мушкилиҳои асосии марказ: норасоии кормандон (махсусан кормандони дорои маълумоти тиббӣ), набудани нақлиёт , ҷудо нашудани роҳкиро барои пешкаш намудани хизматрасонии сӯроғавӣ, нокифоя будани маблағҳои ҷудошаванда, норасоии доруворӣ, нокифоягии таъминоти аробачаҳои маъюбӣ, асобағал ва ғайра, паст будани маоши кормандон, набудани системаи ҷалби ихтиёриён барои пешкаши кӯмаки сӯроғавӣ махсусан барои пирони барҷомондаи яккаву танҳо, маъюбони бистарӣ, паст шудани сатҳи кӯмакҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва сарпарастони маҳаллӣ ва ғайраҳо.

Инчунин, дар ноҳия барои ташаккули механизми расонидани кумаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат ва дастгирии маъюбон дар ноҳияи Фархор бахши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар назди МИҲД-и ноҳияи Фархор иборат аз 14 нафар (2 хизматчии давлатӣ ва 12 нафар кормандони иҷтимоии шартномавӣ) фаъолият менамояд. Дар соли 2015 аз ҷониби бахши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар назди МИҲД-и ноҳияи Фархор ба 1270 оилаи камбизоат ва 7 нафар маъюбон хизмат расонида шудааст. Аз ҷумла, дар соли 2014 - 10 нафар маъюбон (иштирокчиёни ҶБВ ва ба онҳо баробар карда шуда) тавассути роҳхат ба осоишгоҳҳо равона карда шуданд.

### 3.4. Фарҳанг, фароғат ва варзиш

***Фарҳанг.*** Соҳаи фарҳанг яке аз самтҳои асосии иҷтимоиёт ба шумор рафта, дар ташаккули тарбияи маънавии аҳолии ноҳия нақши назаррас дорад. Фаъолияти шӯъбаи фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия баҳри сари вақт ва самаранок татбиқ намудани сиёсати фарҳангӣ ва маданию маънавии давлат равона шудааст. Теъдоди кормандони шӯъбаи мазкур 126 нафар буда, аз он 71 нафарашон занҳо мебошанд. Аз шумораи умумии кормандони шӯъба дорои маълумоти олии касбӣ 18 нафар, 34 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва боқимонда дорои маълумоти миёна мебошанд. Музди миёнаи кормандони шӯъбаи фарҳанги ноҳия 220 сомониро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумоти расмӣ дар соли 2014 дар ноҳия 43 муассисаи фарҳангӣ ва фароғатӣ, 40 ёдгориҳои таърихӣ ба қайд гирифта шудаанд. Дар ноҳия инчунин 86 масҷид, аз ҷумла 11 адад масҷиди ҷомеъ, 3 адад чойхона, 3 адад меҳмонхона мавҷуд мебошад.

*Муассисаҳои фарҳангии ноҳияи Фархор*
*ба ҳолати 1.01.2015с.*

| № | Номгӯи муассиса | Шумора |
|---|---|---|
| 1 | Китобхонаи марказӣ | 1 |
| 2 | Китобхонаи деҳот | 20 |
| 3 | Китобхонаи бачагона | 1 |
| 4 | Коҳи фарҳанг | 1 |
| 5 | Хонаи фарҳанги деҳот | 2 |
| 6 | Клуби деҳот | 14 |
| 7 | Осорхона | 1 |
| 8 | Боғи фарҳангӣ | 1 |
| 9 | Мактаби санъати бачагона | 1 |
| | Ҳамагӣ: | 42 |

Мувофиқи маълумотҳо, дар ноҳия зиёда аз 20 гурӯҳи созию овозии касбӣ ва ҳаваскорон фаъолият менамояд. Аз шумораи умумии гурӯҳҳои созиву овозӣ дар шӯъбаи андози ноҳия дар соли 2014 ҳамагӣ 6 гурӯҳ ба қайд гирифта шудааст. Бояд қайд намуд, ки айни замон оид ба барномаҳое, ки гурӯҳҳои ҳаваскорон дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ, тӯю маъракаҳо пешкаш менамоянд, аз ҷониби мақомоти фарҳангӣ баъзан вақт назорат намешаванд, ки он дар баъзе ҳолатҳо сабаби тарғиби фарҳанги беруниву ғайримаънавӣ шуда истодааст. Дар деҳот клубҳои фарҳангӣ қисман таъмир шуда бошанд ҳам, бештари онҳо ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Инчунин, клубҳои мазкур ҷойҳои нишаст надоранд ва ё дар ҳолати фарсуда қарор доранд, асбобҳои мусиқии миллӣ ва барқӣ намерасад. Дар асл клубҳо қисман аз фаъолият боз мондаанд. Дар баъзе ҳолатҳо онҳо аз тарафи гурӯҳҳои ҳаваскорони маҳаллӣ истифодашуда дар онҳо чорабиниҳо гузаронида мешаванд, ки ба талабот ҷавобгӯ нест. Фаъолияти маҳфилҳои эҷодию адабиёт, ки дар клубҳои деҳот фаъолият менамоянд, аз сабаби маҳдуд будани маблағ беҳбудиро металабад. Барои ҳалли ин мушкилот ҷалб намудани аҳли ҷомеа ва соҳибкорони дохили ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар ноҳия мактаби санъат мавҷуд мебошад, ки дар он 20 нафар муаллим (аз он 2 нафар зан) барои 290 нафар хонандагон дониши мусиқӣ меомӯзанд. Дар мактаб асосан аз рӯи ихтисосҳои фортепиано, рубоб,таблак, ғиҷҷак, най, аккардион, санъати овозхонӣ ва рақс дарс гузаронида мешавад. Инчунин, дар маркази мазкур ба хонандагон ҳамчун фанҳои умумӣ дарси назарияи мусиқӣ, адабиёти мусиқӣ, солфеджио ва хор низ омӯзонида мешавад. Дар фасли зимистон синфхонаҳо ба воситаи печкаҳо бо истифодаи ангишт гарм карда мешаванд. Мушкилоти асосии мактаби санъат ин норасоии асбобҳои мусиқии милллӣ, фортепиано, таъмирталаб будани асбобҳои мавҷуда, пайваст набудани мактаб ба хатти барқи озод, нокифоя будани маоши муаллимон ва ғайраҳо ба шумор меравад.

Дар ноҳия фонди умумии китобхонаҳо 122502 китобро дар бар мегирад, ки аксарияти онҳо китобҳои бо забони русӣ навишташуда мебошанд. Бояд қайд намуд, ки айни замон дар ноҳия талабот ба мутахассисони касбии китобхонавӣ мавҷуд мебошад. Мутахассисони маҳаллӣ дар он ақидаанд, ки имрӯзҳо аксарияти китобхонаҳои деҳот дар биноҳои ҷамоатҳои деҳот қарор дошта, ба меъёрҳои мавҷуда ҷавобгӯ нестанд. Аксарияти китобхонаҳо ба системаи кондитсиёнӣ, ҷевонҳо, мизу курсиҳо ва дигар таҷҳизоти китобхонавӣ ниёз доранд. Миқдори хонандагони доимӣ дар китобхонаҳои ноҳия 3700 нафарро ташкил менамояд.Дар муассисаҳои номбурдаи ноҳия китобҳои тозанашр намерасанд.

Ноҳия дорои як осорхона мебошад, ки ҳолати он ба талаботи нигоҳдории осорҳо ва пешкаши онҳо ҷавобгӯ намебошад. Осорхонаи ноҳия дар маркази ҷавонон ҷойгир буда, бинои алоҳида надорад.

Мушкилиҳои асосии соҳаи фарҳанг:

- Норасоии асбобҳои мусиқии миллӣ ва барқӣ;
- Мавҷуд набудани студияи сабти овоз ва банаворгирӣ;

- Набудани автоклубҳо барои пешкаш намудани хизматрасонии фарҳангии таъҷилӣ;
- Норасоии таҷҳизоти компютерӣ ва дигар лавозимоти идоравӣ;
- Норасоии мутахассисони касбии дорои маълумоти олӣ (саркоргардони соҳаи театр ва чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ, коргардони овоз, навозандагониғижжак, карнай, меҳтар, раққосаҳои касбӣ ва ғайраҳо);
- Ба таъмири асосӣ ниёз доштани клубҳоифарҳангӣ;
- Дар биноҳои дастгоҳҳоиҷамоат ҷойгир будани китобхонаҳо;
- Норасоии либосҳои театрӣва маҳдуд будани маблағ барои хариди онҳо.

***Варзиш.*** Дар ноҳияи Фархор аксарияти ҷавонон ба варзиш машғул буда, чорабининиҳои варзишӣ аз рӯи намудҳои шоҳмот, футбол, гӯштинги миллӣ, дюздо, самбо, воллейбол ва варзиши сабук гузаронида мешавад. Ноҳия дорои 205 адад майдони футбол, 58 адад майдони баскетбол, 50 адад майдони воллейбол, 54 адад шаҳрчаи гимнастикӣ, 11 адад толорҳои варзишӣ, 25 адад майдони ганбол, 7 адад ва 25 адад толори варзишӣ мебошад, ки дар он 508 нафар кӯдакон ва наврасон фаро гирифта шудаанд. Дар муассисаҳои варзишӣ аз рӯи ҳамаи намудҳои варзиш 17 нафар мураббиён кор ва фаъолият менамоянд. Мувофиқи маълумотҳо дар ноҳия 79905 нафар ҷавонон истиқомат мекунанд, ки аз ин шумора 40734 нафарро писарон ва 39171 нафарашон духтарон мебошанд.

Бо назардошти дастуру супоришҳои сарвари давлат зимни вохӯри бо варзишгарон аз 20 декабри соли 2010 дар сатҳи ҷамоатҳои деҳоти Ватан, Ғайрат, Зафар, Гулшан, Дарқад ва 20-солагии истиқлолияти Тоҷикистон 19 га замин барои бунёд намудани майдонҳои варзишии футбол ҷудо гардидааст.

Новобаста аз ин дар соҳаи варзиши ноҳия камбудию норасоиҳо зиёданд. Иншоотҳои варзишии ноҳия ба талабот ҷавобгӯ набуда, ба таъмиру азнавсозӣ ниёз доранд. Инчунин, аксарияти варзишгоҳҳои ноҳия бо таҷҳизоти варзишӣ ҷиҳозонида нашудаанд.

Ба мушкилиҳои мавҷуда нигоҳ накарда варзишгарони ноҳия дар спартакиадаҳо ва мусобиқаҳои вилоятию ҷумҳуриявӣ иштирок карда,ҷойҳои намоёнро ишғол намудаанд.

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Хоҷагии манзилию коммуналӣ

***Оби нӯшокӣ.*** Дар соҳаи инфрасохтори ноҳияи Фархор яке аз мушкилиҳои аввалиндараҷа паст будани сатҳи дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокии хушсифат ба шумор меравад. Мувофиқи маълумотҳо дар солҳои охир дар ноҳия аз шумораи умумии аҳолӣ танҳо 8000 нафар (4%) ба оби хушсифати нӯшокӣ дастраси доранд, ки асосан аҳолии ҳудуди шаҳраки Фархор ва қисман аҳолии ҷ/д Дарқад мебошанд. Тақрибан 96 % аҳолии ноҳия оби нӯшокиро аз ҳисоби таҷҳизотҳои обкашии дастӣ, чоҳҳои амудӣ ва ҷӯю наҳрҳо истифода мебарад, ки сифати оби он ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯй нест ва хатари сар задани бемориҳои сироятиро дар байни аҳолӣ меафзояд.

Дар ҳудуди ҷамоати шаҳраки Фархор КДФ «Гармидиҳӣ ва обу канализатсия» хизмат мерасонад. Шабакаи обтаъминкунии шаҳрак аз 5 пойгоҳи обкашии тамғаи ЭСВ, як ҳавзи обҷаминкунии ҳаҷмаш 250 м3, як шабакаи обпартои дорои 3 насоси обкашии ДЦН-500 ва обанбори ғунҷоишаш 2000 м3 иборат мебошад. Дарозии умумии қубурҳои системаи обтаъминкунии шаҳрак ҳамагӣ 33 км буда, аз он 6 км-ро қубурҳои магестралӣ ташкил менамоянд. Системаи обтаъминкунии ноҳия ба 1 маи соли 2015-ум 16 км сохта ва таъмир карда шудааст.

Пойгоҳҳои обкашӣ асосан обро аз чуқурии 41-80 метр дастрас намуда, онро ба обанбор ворид менамоянд, ки ғунҷоиши он 250 м3-ро ташкил менамояд. Об дар қисмати пойгоҳҳои обкашӣ тавассути дозаторҳои махсус хлорнок гардонида мешавад ва ба 2 обанбори ғунҷоишашош 1000 м3 дохил шуда ба шаҳраки Фархор ва деҳаи Дарқат хизматрасонида мешавад. Сифати оби нӯшокӣ тавассути системаи обтаъминкунии шаҳраки Фархор таъминшаванда ба талаботи муқаррарӣ ҷавобгӯ мебошад. Оби дар обанборбуда ба воситаи пойгоҳҳои обкашӣ тавассути қубурҳои магистралии диаметраш 500 мм, 426 мм, 300 мм ва 277 мм, ки дарозии умумиаш 6 км -ро ташкил менамояд, ба аҳолии шаҳрак дастрас мешавад.

*Мушкилиҳои системаи обтаъминкунӣ:*

- бе огоҳии пешакӣ қатъ шудани барқ, ки он сабаби аз кор баромадани пойгоҳҳо ва таҷҳизот шуда истодааст, аз ҷумла пойгоҳи обкашии ЭТВ-12, 2 пойгоҳи обпартои тамғаи ДЦН-500 ва сандуқчаҳою таҷҳизоти электрикии онҳо
- ба талабот ҷавобгӯ набудани сифати оби чоҳи амудие, ки тавассути пойгоҳи тамғаи ЭТВ-12 бардошта мешавад (об аз чуқурии 42 м баровarда мешавад)
- дар ҳолати фарсуда қарор доштани 3 км қубурҳои магестрали диаметраш 500 мм
- дар хати магестралии қубурҳои нақлии об воситаи ҳимояи дастгоҳ пешгиркунандаи зарбаи об (обратный клапан) вуҷуд надорад.
- бинои нигоҳдорӣ ва истифодаи махлули «хлор» (дуошёна) ва бинои хизматчиён таъмирталаб мебошанд.
- барои таъмин намудани хонаҳои баландошёна дар ҳолати қатъ гаштани оби нӯшокӣ 2 адад мошини обкашӣ (водовоз) лозим мебошад.

Солҳои қаблӣ дар ноҳия аз тарафи корхонаи обтаъминкуни 1276 нуқтаи оби нӯшокӣ ба қайд гирифта шуда буд ва зиёда аз 13 ҳазор аҳолӣ бо оби нӯшокии хушсифат таъмин карда мешуд. Вале бо сабаби фарсуда шудани қубурҳои обтаъминкунӣ ва набудани маблағ барои таъмири ҷорӣ ва асосии онҳо муштариёни кӯчаҳои ба номи Турсунзода, У. Хаём ва Синои шаҳраки Фархор ба оби нӯшокии хушсифат дастрас нестанд. Айни замон аз ҳаҷми умумии нуқтаҳои обтаъминкунӣ ҳамагӣ 1040 нуқта боқӣ мондаасту халос. Дар соли 2015 ҳаққи пардохти 1 м3 об ба аҳоли 75 дирам ва ба корхонаҳои буҷети 1,4 сомони ва хусусӣ 2,4 сомонро ташкил намуд. Таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар як шабонаруз дар фасли тобистон то 8-10 соат дар ҳаҷми аз 2400 то 3000 м3 ва дар фасли зимистон 6-8 соат аз 1800 то 2400 м3 ба роҳ монда шудааст, ки он аз меъёри муқаррargардида 10 литр ба ҳар сари аҳолӣ зиёд мебошад. Зеро аҳолии шаҳраки Фархор 23903 нафар буда, ҳаҷми аслии оби истеҳсолшаванда 2400 м3 дар як шабонарӯз мебошад, ки ба ҳар сари аҳолӣ 100 литр рост меояд.

*Таъминоти аҳолии ноҳия бо оби нӯшокӣ*
*мувофиқи ҷамоатҳо дар соли 2014*

| Ҷамоатҳо | Шумораи аҳолӣ | Ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд | Ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд (бо %) | Ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд | Ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|
| ҷамоати шаҳраки Фархор | 23900 | 7300 | 30,5% | 16600 | 69,5% |
| ҷ/д Ғалаба | 9278 | 600 | 6,4% | 8678 | 93,6% |
| ҷ/д Даркад | 14039 | 4700 | 33,4 | 9339 | 66,6% |
| ҷ/д 20 солагии Истиқлолият | 14736 | | --- | | 89% |
| ҷ/д Фархор | 12057 | | --- | | 78% |
| ҷ/д Ватан | 22515 | | ---- | | 92% |
| ҷ/д Ғайрат | 16143 | 15460 | 95,7 | 683 | 4,3% |
| ҷ/д Зафар | 13834 | | --- | | 98% |
| ҷ/д Деҳқонариқ | 12648 | | -- | | 93?6% |
| ҷ/д Гулшан | 12418 | 2600 | 20,9% | 9818 | 79,1% |

Бояд қайд намуд, ки пардохти ҳаққи оби нӯшокӣ бо сабаби баланд будани ҳаққи пардохт, надоштани шартномаи байни КДФ «Гармидиҳӣ ва обу канализатсия» ва ҳамаи муштариёни дохили шаҳрак бо сабаби пурра таъмин набудани аҳолии шаҳраки Фархор (беш аз 6000 оила бо сабаби таъмин набудан бо оби нушокии безараргардонидашуда), бо оби нӯшокӣ ва таъминоти номунтазами об, сари вақт ва ба пуррагӣ ҷамъоварӣ намешавад (ҳамагӣ 50% ҷамъоварӣ мегардад). Ин мушкилотро тавассути таъмири обанбори 2000 м3, ки дар мавзеи Уртабуз дар баландии 50 метр ҷойгир шудааст ва инчунин гузаронидани хати магистралӣ дарозиаш 600 метр ҳал кардан мумкин аст ва айни ҳол сохтмони иншооти мазкур бо 2800 ҳазор сомонӣ маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ дар арафаи анҷомёбӣ қарор дорад. Бинобар он дар доираи Барномаи мазкур дар назар аст, ки то охири соли 2016 аҳолии шаҳраки Фархор ва деҳаи Даркади ҷамоати деҳоти Даркад (26000 нафар) пурра бо оби нӯшокӣ таъмин мегарданд.

Ҷиҳати бо об таъмин намудани аҳолии ҷамоати деҳоти Ғайрат, дар ҳудуди он Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби «Карл Маркс» фаъолият менамояд, ки 15460 нафар аҳолии ҷамоати мазкурро бо оби нӯшокӣ ва 436 хоҷагиҳои деҳқониро тибқи шартнома бо оби полезӣ низ, таъмин менамояд. Дар доираи Барномаи рушди ноҳия дар ҷамоати деҳоти Ғайрат аз ҳисоби шохоби қисмати чапи дарёи Панҷ обтаъминкунии аҳолӣ ва азхудкунию обёрии 100 гектар замини нави мавзеи Уртабуз дар заминаи заминҳои кооперативи истеҳсолии «Ҳаёти Нав», хоҷагиҳои деҳқонии Ҷумъаобод, Ганҷи равон, Равшан ва дигарон пешбинӣ мегардад.

Дар ҷамоати деҳоти Деҳқонариқ АИО «Коммунизм» фаъолият менамояд, ки ба 12100 нафар аҳолии деҳаҳои Гулистон, Арча, Шурқул, Роҳи нав, Бобосафоли поён ва Золи Зар хизматрасониҳоро ҷиҳати таъминоти оби нӯшокӣ ва полезӣ ба зимма дорад. Масъалаи ҳалталаби обтаъминкунии ҷамоати Деҳқонариқ мавҷуд набудани оби нушокӣ дар маҳаллаҳои навбунёди Арча (300 хоҷагӣ ё 1500 нафар аҳолӣ) ва Золи Зар (330 хоҷагӣ) мебошад, ки дар он ҷо тавассути бунёди 2 км канал аз канали «Левая ветка» то деҳаи Арча масъалаи мазкурро ҳал намудан имконпазир мегардад. Илова бар он дар натиҷаи бунёди канал 28,6 гектар замини нав дар мавзеи Арча ва 40 гектар замин дар мавзеи Золи зар обёрӣ мегарданд, ки ба некӯаҳволии мардум таъсири мусбат хоҳад расонид.

Мувофиқи маълумоти расмӣ ба ҳолати 1 январи соли 2015, қарзи аҳолӣ ва корхонаҳо дар назди КДФ «Гармидиҳӣ ва обу канализатсия» 56 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Мушкилиҳои асосии идоравие, ки ба беҳтар шудани таъминоти оби нӯшокӣ монеъ мешаванд, бо таври зайл шарҳ дода шудааст.

- нокифоя будани ҳаҷми буҷети корхона ва маблағҳои ҷудошаванда;
- ба пуррагӣ пардохт нашудани ҳаққи обтаъминкунӣ аз тарафи муштариён;
- набудани ченакҳои обтаъминкунӣ;
- зуд-зуд аз кор баромадани таҷҳизот ва хатҳои обтаъминкунӣ, ки таъмири он маблағҳои зиёдеро талаб менамояд;
- қарздории корхонаи обтаъминкунӣ аз рӯи пардохти таъминоти барқ;
- паст будани ҳавасмандии коргарон бинобар паст будани музди меҳнати онҳо.

*Таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокӣ*
*ва пардохти хизматрасонӣ дар солҳои 2012-2014*

| № | Нишондодҳо | Ченак | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2012 | 2013 | 2014 |
| 1 | Шумораи умумии хоҷагиҳое, ки ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд | оила | 810 | 810 | 1000 |
| | -ташкилотҳои буҷетӣ | адад | 36 | 31 | 22 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | адад | 6 | 6 | 3 |
| | -дигар муштариҳо | адад | - | - | 3 |
| 2 | Ҳаққи истифодаи об, аз ҷумла | сомонӣ | | | |
| | - аҳолӣ | сомонӣ | 35000 | 28000 | 46000 |
| | -ташкилотҳои буҷетӣ | сомонӣ | 45000 | 41000 | 36000 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | 2000 | 2000 | 2000 |
| | -дигар муштариҳо | сомонӣ | | | |
| 3 | Қарзи муштариҳо | | 91000 | 83500 | 56000 |
| | - аҳолӣ | сомонӣ | | | |
| | -ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | | | |
| 4 | Нархи об (1 м3) | сомонӣ | | | |
| | - аҳолӣ | сомонӣ | 0,60 | 0,70 | 0,75 |
| | -ташкилотҳои буҷетӣ | сомонӣ | 0,80 | 0,90 | 1,4 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | 0,80 | 0,90 | 2,4 |
| 5 | Истеҳсоли шабонарӯзии об | ткс.м3 | 3600 | 3600 | 3600 |
| 6 | Талафоти умумӣ | ткс.м3 (20%) | 1500 | 1500 | 1500 |

Системаи канализатсияи шаҳраки Фархор дар солҳои собиқ шӯравӣ сохта шуда, тавассути қубурҳои асбестубетонӣ (диаметраш 300) гузаронида шудааст ва дарозии онҳо 3,5 км-ро ташкил медиҳад. Инчунин, системаи канализатсия дорои як пойгоҳи обкашӣ ва иншооти обтозакунӣ мебошад. Бо сабаби мунтазам таъмин нашудани об ва аз тарафи аҳолӣ партофтани партобҳо ба даруни қубурҳои канализатсионӣ системаи канализатсионии шаҳраки Фархор ба пуррагӣ аз кор баромадааст ва фаъолият намекунад.

Яке аз мушкилиҳои асосии соҳаи мазкур фарсуда будани техника ва лавозимоти тозакунии ҳоҷатхонаҳо, махсусан ҳоҷатхонаҳои муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ, аҳолии шаҳраку деҳот ва корхонаву ташкилотҳо ба шумор меравад.

### 4.2. Таъмини барқ

Аҳолӣ ва корхонаву муассисаҳои ноҳияи Фархор ба пуррагӣ бо хати барқ таъмин мебошанд. Бояд қайд намуд, ки бинобар суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ, таъсиси корхонаҳои саноатӣ, набудани системаи алтернативии энергетикӣ талабот ба қувваи барқ рӯз аз рӯз зиёд гардидааст. Иқтидорҳои мавҷудаи системаи барқрасонии ноҳия ба сарбории ба вуҷуд омадаи қувваи барқ тобовар нест (махсусан дар мавсими зимистон), ки он сабаби афзоиши ҳолатҳои садамавии иншоотҳои таҷҳизоти барқ шуда истодааст.

Ноҳияи Фархорро корхонаи барқрасони хизмат мерасонад. Дар корхонаи мазкур 72 нафар корманд ба кор машғул буда, аз онҳо 9 нафар муҳандисон мебошанд. Дар тавозуни корхона 1 пойгоҳи трансформатории иқтидораш 110/35/6кВ. 46и рв пойгоҳи трансформаторҳои иқтидори 35/10кВ ба қайд гирифта шудаанд. Пойгоҳҳои мазкур дар ҳудуди шаҳраки Фархор, деҳаҳои Гулшан ва Сурхоб ҷойгир шудаанд. Дарозии умумии хатҳои баркрасонии ноҳия 10 КВ – 418 км ва 0,4 кВт – 804 км-ро ташкил медиҳад.

Дарозии хатҳои баркрасонӣ, паст будани шиддатнокии барқ, номувофиқ ва фарсуда будани ҳолати симҳои барқӣ, мушкилоти таъминоти самараноки қувваи барқ ва ба талафоти онро ба вуҷуд овардааст.

Мухандисони маҳаллӣ бар он ақидаанд, ки барои беҳтар намудани таъминоти барқ дар ноҳия иваз намудани симу симчубҳо ва пойгоҳҳои барқӣ ба намудҳои нисбатан тобовар зарурияти аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

*Нишондиҳандаҳои асосии таъминоти қувваи барқ*
*дар ноҳияи Фархор барои солҳои 2012-2014*

| № | Нишондодҳо | Ченак | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2012 | 2013 | 2014 |
| 1 | Фурӯши қувваи барқ | ҳ.сомони | 6223,39 | 7690,33 | 7311,75 |
| 2 | Ҳаҷми умумии қувваи барқи фурӯхташуда | ҳ.кВт/с | 67432,23 | 81009,17 | 70997,34 |
| 3 | Аз он ҷумла аҳолӣ | ҳ.сомони | 2830,87 | 4346,93 | 4540,65 |
| 4 | -ташкилотҳои буҷетӣ | ҳ.сомони | 2298,54 | 2081,80 | 1853,44 |
| 5 | -ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | ҳ.сомони | 1093,98 | 1261,60 | 917,66 |
| - | Ҳаҷми умумӣ | ҳ.кВт/с | 78398,73 | 94900,17 | 84470,65 |
| 6 | Арзиш 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна): | дирам | 9,23 | 9,49 | 10,30 |
| | - аҳолӣ | дирам | 10,41 | 11,0 | 11,61 |
| | -ташкилотҳои буҷетӣ | дирам | 17,86 | 15,47 | 14,91 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | дирам | 30,11 | 31,42 | 33,65 |
| 7 | Қарзи умумии муштариён, аз он чумла: | ҳ.сомони | 6540,97 | 8345,6 | 4745,74 |
| | - аҳолӣ | ҳ.сомони | 1417,38 | 2206,20 | 3153,56 |
| 8 | -талафоти умумӣ | ҳ.кВт/с | 10966,5 | 13891,0 | 13473,31 |
| | -талафоти умумӣ | % | 14,0 | 14,64 | 16 |

Айни замон мушкилиҳое ба мисли қарздории муштариён аз рӯи пардохти ҳаққи таъминоти барқ, ҳавасманд набудани аҳолӣ барои иваз намудани ҳисобкунакҳои механикӣ ба рақамӣ, фарсуда шудан ва норасоии симу симчӯбҳо, трансформаторҳо, таҷҳизот ва лавозимоти санҷишии қувваи барқ, ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ набудани тавоноии зеристгоҳҳои барқӣ, норасоии техникаи борбардор ва боркаш, маҳдудиятӣ маб лағ садди роҳи рушди соҳаи мазкур шуда истодааст.

***Идоракунии партовҳо сахти маишӣ.*** Дар ноҳия оиди тоза намудани кӯчаву хиёбонҳо аз партовҳо, Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» фаъолият менамоянд. Шумораи кормандони корхонаи мазкур 36 нафарро ташкил намуда, аз онҳо занҳо 14 нафар мебошанд. Дар соли 2015 музди миёнаи кормандон 395 сомониро ташкил намуд. Аз шумораи умумии кормандони корхона дорои маълумоти олӣ 5 нафар, олии нопурра 1 нафар ва 30 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд. Муассисаи мазкур асосан дар шаҳраки Фархор ва корхонаю ташкилотҳое, ки дар деҳот фаъолият менамоянд, мувофиқи дархост хизмат мекунад.

Солҳои охир тамоюли афзоиши ҳаҷми партовҳои сахти маишӣ (ПСМ) ба назар мерасад, ки сабаби он афзоиши табиии аҳолӣ ва корхонаву муассисаҳои бахши савдо ва хизматрасонӣ мебошад. Ҷамъоварӣ ва нест кардани партовҳо имрӯз дар ҳудуди ҷамоати шаҳраки Фархор 6 адад нуқтаҳои санитарӣ аз қабили мабразхонаҳо (хоҷатхонаҳо), 6 адад нӯқтаи партовгоҳои муваққати сохта ба истифода шуда, 1 адад партовгоҳи марказии ноҳия бошад сохтмонаш идома дорад. Дар панҷ соли оянда аз тарафи Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» н. Фархор нақша дорад дар ҳудуди ҷ/ш Фархор боз 15 нуқтаи партовгоҳои муваққатӣ, 6 адад хоҷатхонаҳои ҷамъиятӣ аз тарафи Маркази идораи лоиҳаи рушди инфрасохтори маҳалии коммуналӣ дар ҶТ ба нақша гирифта шудааст. Дар оянда зарурияти бунёди хати ташнобии маркази шаҳраки Фархор ба масофаи 5 км, мумфарш кардани 6 км роҳҳои мошингарди ҳудуди шаҳрак ва чароғҳонкунии кӯчаҳои марказӣ, насб намудани чароғакҳои роҳнамо дар ду чорраҳаи ҳудуди шаҳрак ва хати обпартои маркази шаҳрак бо дарозии 2 км ба нақша гирифта шудааст.

*Ҳаҷми истеҳсоли ПСМ дар ноҳияи Фархор дар давраи солҳои 2012 ва 2014*

| 2012 | | | | 2014 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ ПСМ дар $м^3$ | Аз ҷумла | | | Ҳамагӣ ПСМ дар $м^3$ | Аз ҷумла | | |
| | Ободонӣ | Аҳолӣ | Корхона | | Ободонӣ | Аҳолӣ | Корхонаҳо |
| 3,8 | 3,2 | 0,3 | 0,3 | 4,5 | 4 | 0,3 | 0,2 |

Партовгоҳи ноҳияи Фархор 5 га майдонро дар бар гирифта, аз шаҳрак дар масофаи 14 км дуртар воқеъ мебошад. Партовгоҳ ба меъёрҳо ҷавобгӯ буда, дар он барои гуронидани ҷасадҳои ҳайвонот чуқурии махсус (чоҳи Беккер) пешбинӣ шудааст. Дар ноҳия 15 партовгоҳи муваққатӣ ташкил карда шудааст, ки ба аҳолӣ хизмат мерасонад. Баровардани партовҳо дар баъзе аз нуқтаҳои аҳолинишин ба таври муроҷиатӣ ба роҳ монда шудааст.

Арзиши пардохти хизматрасонии ПСМ дар ҳудуди ноҳия дар ҳаҷми 9,8 сомонӣ муайян шудааст. Қарзи аҳолӣ дар назди корхонаи мазкур дар соли 2014-ум 4000 сомониро ташкил дод. Мушкилоти асосии соҳаи мазкур қарздории аҳолӣ ва корхонаҳо дар назди муассисаи мазкур, норасоии техникаи махсуси обпошак, контейнерҳо барои партовҳо ва трактори тамғаи бели механикӣ (мехлапата) ба шумор меравад.

Набудани партовгоҳҳо ва ҷойҳои махсуси несту нобуд кардани онҳо дар сатҳи деҳот ба ҳолати эпидемиологии ноҳия таъсири манфии худро расонида истодааст.

***Таъминоти манзил.*** Таъминоти аҳолии ноҳия бо манзил барои мақомоти идоракунӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор меравад. Айни замон дар ноҳияи Фархор 1073 аризаи шаҳрвандон барои таъмини замини назди ҳавлигӣ ба қайд гирифта шудааст. Бояд қайд намуд, ки сохтмони иншоотҳои манзилӣ ва ғайраҳо дар асоси нақшаи генералии ноҳияи Фархор ба роҳ монда мешавад, ки он аз ҷониби шӯъбаи меъмории ноҳия ба танзим даровarda мешавад.

### 4.3. Нақлиёт ва алоқа

***Роҳҳо***. Нигоҳдории роҳҳои ноҳияи Фархорро Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия ба ӯҳда дорад, ки он тобеӣ Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар соли 2014 буҷети умумии муассиса барои нигоҳдории роҳҳо ҳамагӣ 896,8 ҳазор сомониро ташкил намуд. Шумораи кормандони корхонаи мазкур 68 нафарро ташкил намуда, аз онҳо 7 нафарашон занҳо мебошанд. Дар соли 2014 музди миёнаи маоши кормандон 480 сомониро ташкил дод. Аз шумораи умумии кормандони корхона дорои маълумоти олӣ 5 нафар, миёнаи махсус 5 нафар ва боқимонда дорои маълумоти миёна мебошанд.

Дар тавозуни муассиса айни замон 8- экскаватори ЭО -3311, 1- адад булдозери ДТ 75, 2-автогрейдери ГЗ 99 ва РЖ 135, 3 –адад автосамосвал ва 2 –адад трактори Т 28 мавҷуд мебошад.

Муассисаи мазкур ҳамагӣ 409,8 км роҳҳоро хизмат мерасонад, аз он ҷумла роҳҳои байналмиллӣ 56,4 км, роҳҳои ҷумҳуриявӣ 39 км, роҳҳои маҳаллӣ 314,4 км. Дар тавозуни муассисаи инчунин 69 адад пул бо дарозии 964 метр ба қайд гирифта шудааст. Бояд зикр намуд, ки аз роҳҳои мавҷуда 60 %-и онҳо ба таъмири асосӣ ва 40 %-и онҳо ба таъмири ҷорӣ ниёз доранд. Пулҳои мавҷуда дар ҳолати қаноатбахши техникӣ қарор дошта, ба таъмири асосӣ ниёз доранд.

***Мушкилиҳои асосии соҳа:***

- Норасоии техника, аз ҷумла трактори МТЗ 82, каток, автокран, автогрейдер, автопогрузчик, экскаватор, техникаи заминкан, автомашинаи боркаш (самасвал);
- Ба таъмири ҷорӣ ниёз доштани роҳҳо дар самти Гулистон-Фархор-Дӯстӣ 56,4 км, роҳи 20-солагии ИТ-Тоҷикистон-Сомончӣ 29 км ва роҳи Фархор-Сомончӣ-Олимтой 10 км;

- Ба таъмири асосӣ ниёз доштани роҳҳо дар самти Фархор-Муҷиробод-Ҷайралӣ 22 км ва роҳи Фархор-Кизилсу-Сурхоб-Кавзако 21,5 км;
- Норасоии битум барои гузаронидани таъмири роҳҳо (250 тонна);
- Норасоии қисмҳои эҳтиётии техника.

***Нақлиёт.*** Дар ноҳия ҳамагӣ 3268 автомашина, аз он 2024 адад корбюратори ва 1244 адад дизелӣ ба қайд гирифта шудааст. Инчунин, дар ноҳия 25 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ мавҷуд мебошад, ки аз он нуқтаҳои фурӯши гази моеъ 14 ададро ташкил медиҳад.

Дар ноҳия 1 корхонаи нақлиёти мусофирбар ва боркашон вуҷуд дошта дар қайди он 64 мошини мусофиркашон ва 18 адад нақлиёти боркаш мебошанд. Шумораи кормандони корхона 17 нафарро ташкил менамояд. Айни замон ҳамаи ҷамоатҳо бо хатҳои мошингард таъмин шудааст, махсусан аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ.

***Воситаҳои коммуникатсионӣ ва фазои иттилоотӣ.*** Филиали ҶСК «Тоҷиктелеком» қитъаи техникии №4-и ноҳияи Фархор, ягона муассисаи давлатии хизматрасонии коммуникатсионӣ ба шумор рафта, ба корхонаву муассисаҳо ва инчунин ба аҳолӣ дар самти алоқаи телефон ва интернет хизматҳои худро пешниҳод менамояд. Дар корхонаи номбурда 16 нафар кору фаъолият менамоянд, ки аз он 7 нафарашон занҳо мебошанд. Аз шумораи умумии коргарон 2 нафарашон дорои маълумоти олӣ мебошанд.

Дар тавозуни корхонаи мазкур 1 шабакаи телефонии дорои 1900 адад рақамҳои телефонӣ ва 176 км хатҳои телефонӣ мебошад. Системаи коммуникатсионии ноҳия ба пуррагӣ аз системаи аналогӣ ба системаи рақамӣ гузаштааст, бо симҳои нурӣ ба шабакаи магестралии минтақавӣ пайваст шудааст (30 км). Дар маркази ноҳия нуқтаи гуфтугӯи байнишаҳрӣ ва байналмиллалӣ фаъолият менамояд.

Аҳолии ноҳия аз хизматрасониҳои операторҳои мобилии TCELL, Мегафон, Вавилон, Билайн ва ТК-Мобайл истифода мебаранд.

Дар ҳудуди ноҳияи Фархор барномаҳои телевизионии ТВТ, ТВ Сафина, Ҷаҳоннамо, Баҳористон ва барномаҳои радиои Тоҷикистон, Садои Душанбе пахш мешавад. Инчунин аҳолии ноҳия аз барномаҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон баҳраманд мебошад. Қисматҳои бештари ноҳия ба барномаҳои телевизиони минтақавӣ ва вилояти дастрас нестанд.

Дар ноҳия рӯзномаи «Гулистон» ҳар ҳафта бо теъдоди 1000 нусха нашр мешавад.

Мушкилиҳои асосии соҳаи коммуникатсия: фарсудагии симҳои коммуникатсионии дохили ноҳиявӣ (1964) дар ҳолати фарсуда қарор доштани симчубҳо, дастрасӣ надоштани хоҷагиҳои деҳот ба хизматрасонии телефонӣ, фарсуда ва таъмирталаб гаштани болопуши корхонаи мазкур, мавҷуд набудани типографияи махҳалӣ (рӯзнома асосан дар нашриётҳои шаҳри Душанбе ба рӯи чоп мерасад, ки ин ба баланд шудани арзиши аслии он оварда расонидааст), норасогии кабелҳои гуногунтамғаи телефон.

Хизматрасонии почтаро маркази алоқаи «Почта»-и ноҳияи Фархор пешниҳод менамояд. Фаъолияти асосии корхонаи мазкур иборат аз таъмини аҳолии ноҳия ва расонидани рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ (27 намуд) ҳар моҳ бо теъдоди 7231 нусха дар як сол, қабулу интиқоли мактубҳо ва ҳаволапулиҳо (алимент) дар дохили ҷумҳурӣ, инчунин посилкаҳо, идрорпулиҳо, интиқоли маблағҳои пулӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва берун аз он ба шумор меравад.

Мушкилиҳои асосии корхонаи номбурда норасоии мизу курсиҳо, таҷҳизоти компютерӣ ва дигар лавозимоти идоравӣ ба шумор меравад. Дар марказ 7 нафар (аз он 1 нафар зан) фаъолият менамоянд. Аз шумораи умумии кормандони маркази алоқаи «Почта»-и ноҳияи Фархор 2 нафар дорои маълумоти олӣ мебошанд.

# БОБИ 5. БЕХАТАРИИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

## 5.1. Ҳифзи муҳити зист

Дар ноҳия оиди масъалаҳои ҳифзи муҳити зист Бахши муҳити зисти ноҳияи Фархор фаъолият менамояд, ки аз 6 нафар корманд (сардор, 2 нозири давлатӣ ва 3 корманди шартномавӣ) иборат аст. Вазифаи асосии бахши мазкур назорат ва ҳифзу истифодаи дурусти захираҳои табиӣ (об, замин, ҳаво, партовҳо, шикор, моҳидорӣ ва дигар захираҳо) мебошад. Масъалаҳои ҳалношудаи соҳа хеле зиёданд, аз ҷумла, бад шудани ҳолати чарогоҳҳо, бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо, дарахтзорҳо ва ҷангалзорҳо, зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон, ифлосшавии мавзеъҳои кӯҳсор бо партовҳои сахти маишӣ, азхудкунии заминҳои наздикӯҳӣ бе назардошти релефи он, азхудкунии ғайриқонунии канданиҳои фоиданоки табиӣ, аз ҷумла оҳаксанг, хок, қуму санг, шағал ва ғайраҳо.

Ноҳияи Фархор яке аз ноҳияҳои аграрии ҷумҳурӣ буда, кишоварзӣ асоси иқтисодиёти онро ташкил медиҳад, аз ин лиҳоз мушкилоти экологии он дар алоқамандии зич бо фаъолияти кишоварзӣ вобаста мебошад. Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, иқлими хушки гарми субтропикӣ барои инкишофи боғу токзор, ҷангалзор ва дарахтзорҳою нашъунамои он мусоидат менамояд. Қисми масоҳати ноҳияи Фархорро кӯҳҳои Қаратов иҳота намуда, замини обии ноҳия ҳамагӣ 24668 гектарро ташкил медиҳад.

Кишоварзони ноҳия аслан ба растанипарварӣ, боғдорӣ ва чорвопарварӣ машғул мебошанд. Зиёда аз 87,5 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагонӣ дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Мушкилиҳои асосии экологии ноҳия, ки аз онҳо сатҳи некуаҳволӣ (камбизоатӣ)-и аҳолӣ вобаста аст, ба самтҳои зерин дахл дорад:

– норасоии оби полезӣ дар солҳои камбориш ва вазъи ғайриқаноъатбахши мелиоративии 63 гектар заминҳои обӣ аз ҳисоби баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва шӯршавии замин дар деҳаҳои Арча, Муродбахш, Шуркул, Бобосафоли Поён, Файзобод, ки сабаби асосиаш тоза карда нашудан ва таъмирталаб гаштани 42,1 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ мебошад.
– ҳолати ғайриқаноъатбахши чарогоҳҳо дар мавсими камбориш, ки боиси кам шудани алаф ва терескен-хӯроки чорво мегардад,
– ҳифз ва истифодаи самараноки мавзеъҳои ҷангал.

Дар доираи “Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015” масъалаҳои ҳалталаби соҳаи ҷангал ва самтҳои асосии он бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва беҳбуд бахшидан ба ҳолати муҳити зист пешбинӣ шудааст. Тибқи Барномаи мазкур дар ҳудуди ноҳия тӯли солҳои 2013-2015 зиёд намудани шумораи дарахтони сояафкан ва то 14 гектар зиёд намудани майдони ҷангалзор пешбинӣ шудааст. Ҳамасола дар мавсими обхезӣ майдони зиёди ҷангалро ҷараёни босуръат ва баланди об шуста мебарад, ки он боиси кам шудани майдони ҷангалзор мегардад. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати бартараф намудани ин ҳолатҳо ва барқарорсозии майдони ҷангал бояд дар мавзеъҳои Қизилсу, Кокул, Муҳоҷиробод ба дарозии тақрибан 10-15 км бояд корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ гузаронида шаванд.

Аз ҳолати чарогоҳҳо сатҳи некуаҳволии сокинон сахт вобаста буда, деградатсияи он боиси кам шудани даромади аҳолӣ аз чорводорӣ ва боло рафтани сатҳи камбизоатӣ мегардад. Тибқи меъёри муқарраргардидаи чорвопарварӣ барои 5 сар моли майда 1 га чарогоҳ зарур мебошад, дар ноҳияи Фархор ин нишондод нисбати чарогоҳҳои тобистона (1748 гектар) 3,31 гектарро ташкил медиҳад, яъне аз меъёр 2,31 гектар зиёд мебошад. Аммо нисбати чарогоҳҳои зимистона (8177 гектар) бошад ин нишондод ба 0,52 гектар баробар мегардад, ки аз меъёри муқараргардида 0,48 гектар кам мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳими экологии ноҳия, ин сари вақт ҷамоварӣ нагаштани партовҳо мебошад. Партовгоҳи марказӣ дар теппаи Уртабузи ҷамоати деҳоти Фархор,

дар масофаи 4 км дур аз маркази ноҳия ҷойгир шудааст. Бинобар боришоти зиёд каналу ҷӯйҳои обпарто ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Мавҷуд набудани хадамоти коммуналӣ дар ҷамоатҳо боиси пайдо шудани партовгоҳҳои сершумори ғайрирасмӣ, ифлос шудани замин, соҳилҳои иншооти об ва афзудани хатари сар задани касалиҳои сироятӣ мегардад. Ташкили корхонаҳои хизматрасонии коммуналӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия барои тозаву озода нигоҳ доштани деҳаҳо ва сари вақт ҷамъоварӣ намудани партовҳо мусоидат мекунад.

Манбаъи дигар ташаккули партовҳои муассисаҳои тиббии ноҳия ва хадамоти байтории ноҳия мебошанд. Муассисаҳои тиббӣ бояд бо печҳо барои сӯзонидани партовҳои хатарнок, барои чорвои аз касалиҳо фавтида ташкили чоҳҳои Бейкер зарур аст. Дар айни замон дар ноҳия чунин таҷҳизоти ба ҳифзи табиат мусоидаткунанда мавҷуд нест. Ҳамаи ин ба зиёд шудани касалиҳо миёни аҳолӣ, афзудани хароҷоти онҳо барои табобат, коҳиши сатҳи дарозумрӣ ва баланд шудани сатҳи камбизоатӣ меоварад.

Барои ҳалли ин масъалаҳо лозим аст, ки дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳия барои ташкил намудани партовгоҳ қитъаҳои алоҳидаи замин ҷудо карда шуда, ҷиҳати ташкил намудани муассисаҳои коммуналии хусусӣ ё давлатӣ ва дар соҳаи мазкур ба хизматрасонӣ машғул гардидани онҳо, мусоидат намудан зарур аст. Дар ноҳияи Фархор хатти ташноб (канализатсия) вуҷуд надорад, ки ин ба сохтмон ва ба истифода додани хонаҳои бисёрошёна дар ноҳия монеъ мегардад. Мавҷуд набудани хатти ташноб (ба хусус дар нуқтаҳои аҳолинишин) метавонад боиси ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ гардад.

Манбаъҳои оби нӯшокии маркази ноҳия минтақаи муҳофизати санитарӣ доранд ва ба меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ буда, ҳавзҳои такшинкунии лой ва ҳавзи тозакунӣ бо маҳлули хлор доранд ва сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда мешаванд.

Барои безарар гардонидани оби нӯшокӣ тавассути маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ (МНДСЭ) ташхиси обҳои нӯшокӣ гузаронида мешавад, вале бо сабаби нокифоягии маблағҳои буҷетӣ ва ҷудо нагардидани маблағ барои корҳои ташхисӣ, болоравии нархи сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва реактивҳо ташхисҳои безараргардонии оби нӯшокӣ дар ноҳия аз меъёр камтар гузаронида мешавад.

## 5.2. Пешгирии ҳолатҳои фавқулодда

